Н. АШУРОВ

# ИДОРА КАРДАНИ ХАТАРИ БОНКӢ

Н. АШУРОВ

# ИДОРА КАРДАНИ ХАТАРИ БОНКӢ

«Матбуот»
Душанбе
2008

**УДК 336-71**
**А—98**

# ИДОРА КАРДАНИ ХАТАРИ БОНКӢ

*Аз ҷониби Шӯрои илмию методии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун дастури таълимӣ барои нашр иҷозат дода шудааст.*

Бобҳои 1 ва 2 аз ҷониби Ашуров М.Н. омода гардидааст.

Муқарризон:
Мудири кафедраи «Молияи»-и ДДМТ
доктори илмҳои иқтисодӣ *Раҳимов З.А*
номзади илмҳои иқтисодӣ, доцент *Содиев Н.Н.*

**Муҳаррир** ***А. Давронов***

Дар ҷараёни фаъолияти бонкҳо хатарҳо ба миён меоянд. Идора кардани ин хатарҳо ба роҳ мондани як қатор тадбирҳоро талаб менамояд. Дастури мазкур роҳҳои идора кардани хатари ҳамаи шаклҳои ҳуқукии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии гайрибонкиро дар худ таҷассум менамояд. Дар ин дастури таълимӣ ҳамчунин самтҳои асосии фаъолияти бонкӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ шарҳ дода ва он бо назардошти таҷрибаи кории бонкҳои инкишофёфтаи мамолики хориҷӣ мураттаб гадидааст. Ин дастур ба бахшҳои «Молия ва қарз», «Фаъолияти бонкӣ», «Муҳосиба»-и Донишгоҳҳои мамлакат мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

*Тарҷумаи дастур ба дигар забонҳо, чоп ва такрори он ё ба тартиби дигар истифода намудани бе иҷозати хаттии муаллиф манъ аст.*

# МУҚАДДИМА

Тағйиротҳое, ки дар давраи иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд меоянд, субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла бонкҳоро водор менамоянд, ки ҳолати гузаронидани амалиёти мавҷударо мадди назар гирад.

Тавре ки маълум аст, бонкҳо яке аз сохторҳои марказии иқтисоди бозорӣ мебошанд, тавассути онҳо механизми бозор зуд ба роҳ монда мешавад. Бахусус дар шароити иқтисоди бозорӣ аз мутахассисоне, ки дар ин соҳа кор ва фаъолият менамоянд талаб карда мешавад, ки малакаи дониши худро доимо такмил диҳанд.

Барои дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолият намудан ва мавқеи худро дар бозор нигаҳ доштан, корманди бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии гайрибонкӣ, бояд идора кардани системаи пардохтҳои пулӣ, доду ситади қарзро ба хуби бифаҳмад ва ин муносибатҳоро такмил ва ривоҷ диҳад. Корманди бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, таҳлили фаъолияти молиявии муштариёнро хуб иҷро карда тавонад, маблағҳои пулии хусусӣ ва ҷалбшударо самаранок истифода барад. Фаъолият намудан дар шароити иқтисодӣ бозорӣ аз кормандони бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ талаб менамояд, ки маблағи пулии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро ба бонк ҷалб намоянд ва шаклҳои хизмати бонкиро васеъ намуда ҳарчи зиёдтар муштариёнро ба худ ҷалб карда тавонанд.

Корманди бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, бояд ҷиҳати кам кардани хатари бонкӣ бомасъулият рафтор намуда хатари мавҷударо ҳисоб карда тавонад ва роҳҳои кам кардани ин хатарро ҷӯяд.

Бинобар он, ки мақсади асосии бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ба даст овардани фоида аст, аз ин рӯ савол ба миён меояд, ки аз ин ё он фаъолияташ, бинобар мавҷудияти хатар ба кадом андоза аз амалиёти мегузарондааш зарар мебинад.

Дастури барои хонандаи гиромӣ пешниҳодгардида ӯро аз сирри бонкӣ дар муносибатҳои пулию қарзӣ, роҳҳои идора кардани амалиёти бонкӣ дар замони ҳозира, таҳлили бозори бонкӣ, идора кардани хатари бонкӣ, роҳҳои васеъ намудани хизматрасонӣ, усулҳои босубот ва устувор фаъолият намудани ташкилоти қарзӣ ва дар бозори бонкӣ нигаҳ доштани мавқеъи он шинос менамояд.

Бартарии асосии дастури мазкур он аст, ки маълумоти зарурӣ ҷиҳати дар амалия истифода намудани усулҳои банақшагирии фаъолияти бонкӣ, тартиб додани стратегияи кам кардани хатари бонкӣ ба як тартиби муайян пешниҳод шудааст. Илова бар ин, усулҳои кам кардани хатари қарзӣ, асъорӣ ва дигар хатарҳо аз амалиёти бонкӣ дар баъзе мавзӯъҳо аз таҷрибаи кории бонкҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои дар бонкҳои инкишофёфта ва таҷрибаи зиёд дошта оиди пешгири кардани хатари бонкӣ, барои хонанда ба забони содда ва фаҳмо гирд оварда шудааст.

Дастури таълимии мазкур барои донишҷӯёни Донишгоҳу Донишкадаҳо пешниҳод мешавад. Илова бар ин, дастурро кормандони бонкҳо, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва соҳибкорон метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

# Боби 1. Мафҳуми фаъолияти бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ

## 1.1 Фаъолияти асосии бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» «Бонк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти тиҷорате мебошад, ки ҷиҳати ҷалб намудани депозит ва пасандозҳо ва додани онҳо ба қарз аз рӯи принсипҳои мӯҳлатнокӣ, таъминнокӣ ва музднокӣ, инчунин барои ҳисоббаробаркунӣ бо супориши мизоҷон ташкил карда мешавад».

Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба ҳар гуна муштариён новобаста аз шакли моликият ба мақсадҳои гуногун қарз медиҳанд. Барои аксарияти муштариён қарз сарчашмаи асосии зиёд намудани воситаҳои гардон ба ҳисоб меравад. Барои бонкҳо бошад ин амалиёти аз ҳама фоидаовар аст. Бонк ҳар қадар ба муштариён зиёдтар қарз бидиҳад ба ҳамон андоза фоидаи он зиёд мегардад. Аммо баробари зиёд шудани ҳаҷми қарз хатари напардохтани фоиз ё маблағи он ба миён меояд.

Хатари бонкӣ дар натиҷаи тараққиёти номӯътадили иқтисодиёт низ ба вуҷуд меояд. Зеро бонкҳо он даромаде, ки чашмдор буданд ба даст намеоранд. Аммо дар ҳолати мӯътадил инкишоф ёфтани иқтисодиёти мамлакат, бонкҳо мутобиқи шартномаҳои бо муштариёни қарзгир бастаашон фоидаи муқаррарӣ ба даст меоранд. Аз ин рӯ хатар ва фоидаи бонк ин ду тарафи ҳодисаи иқтисодиёти ягона мебошад.

Хатар ин ҳодисаи таърихӣ ва иқтисоди мебошад. Чун ҳодисаи таърихӣ хатар аз ҷониби одамон қабул карда аст. Аммо ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ мумкин аст ба вуҷуд ояд ё ба вуҷуд наояд.

Таркиби қарз дар ҳар бонк гуногун аст: вай дар ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ аз мавқеи ҷойгиршавии он, соҳаҳои хоҷагии халқ, ки ба он бонк таваҷҷӯҳи зиёд дорад, инчунин аз таҷрибаи қарздиҳии бонк вобастагии зиёд дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи асосии иқтисодиёт ин хоҷагии қишлоқ аст. Бинобар ин, қисми зиёди қарзҳои аз ҷониби бонкҳо додашуда ба ин соҳа рост меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ба таври универсалӣ фаъолият менамоянд ва ҳар кадоми онҳо метавонанд ба хоҷагии қишлоқ қарз диҳанд. Аммо дар кишвар ба хоҷагии қишлоқ нисбат ба дигар бонҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, Ҷамъияти саҳомии кушодаи бонки тиҷоратии «Агроинвестбонк» зиёдтар қарз медиҳад, зеро дар ҳамаи ноҳияҳо шӯъбаҳо ва намояндагиҳои ин бонк нисбат ба дигар бонкҳои тиҷоратии дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолиятдошта зиёдтар аст.

**Бақияи қарзҳое, ки ба хоҷагии халқ, ки аз ҷониби бонкҳо дода шудаанд, дар се сол чунин аст: (ҳаз.сомонӣ)**

| Соҳаҳо | Соли 2004 | Соли 2005 | Соли 2006 |
|---|---|---|---|
| Саноат | 46 875 | 43 029 | 178 944 |
| Хоҷагии қишлоқ | 717 382 | 747 382 | 1 448 752 |
| Фаъолияти тиҷоратӣ | 103 813 | 222 699 | 273 520 |
| Сохтмон | 6 950 | 14 628 | 20 325 |
| Савдо ва хӯроки умумӣ | 49 498 | 52 645 | 112 924 |
| Соҳаҳои дигар* | 104 428 | 114 696 | 122 212 |

***Ба** соҳаҳои дигар таъминоти техникӣ, тайёр кардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, фаъолияти меҳнати инфиродӣ ва ғайра дохил мешавад.

Тавре ки рақамҳои ҷадвал нишон медиҳад, ҳиссаи қарзҳои ба хоҷагии қишлоқ додашуда рӯ ба афзоиш аст ва сабаби асосӣ дар он буда, ки киштукори пахта зиёд гардида, ҳосили он низ боло рафта истодааст.

Қобили қайд аст, ки дар фаъолияти ҳар бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, чунин мақсад ба пеш гузошта мешавад: қабули депозитҳо ва пасандозҳо; додани қарз ба муштариён; ба муштариён расонидани намуди дигари хизматрасонӣ. Ин бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дар натиҷаи ин амалиёт ба хатарҳои зерин дучор мегардад:

а) хатари қарзӣ: агар мӯҳлати амонату депозитҳо ва мӯҳлати қарзи додашуда аз ҳамдигар фарқ кунад;

б) хатари фоиз: агар сатҳи фоизи қарзҳо дар бозор паст шавад;

в) хатари пардохтпазирӣ: агар депозитҳо ва пасандозҳо пеш аз мӯҳлати қарзхои додашуда аз бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ талаб карда шаванд.

**Хатари қарзӣ.** Аксарияти иқтисодчиён ба он ақидаанд, ки асоси самаранок истифода намудани қарз хуб идора кардани сандуқи (портфели) қарзӣ аст. Зеро истифодаи самараноки сандуқи қарзӣ шароит муҳаё менамояд, ки хатари мӯътадили сандуқи қарзӣ, назорат аз рӯи қарзҳои додашуда, истифодаи фишангҳои қарзӣ, назорат аз рӯи фаъолияти қарзгирандагон ва вазъи молиявии онҳоро зери назорат гирифта шавад.

Идораи сандуқи қарзӣ, дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз мушкилоти муҳим ба шумор меравад, зеро бонкҳои тиҷоратӣ ё ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ додани намудҳои гуногуни қарз ва хизмати қарзиро зиёд мекунанд. Масалан, дар давраи ҳозира ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба миён омада ба соҳибкорони хурду миёна ва аҳолӣ қарзҳои хурд дода муштариёни бонкҳои тиҷоратиро ба худ ҷалб карда истодаанд.

Маблағи додани қарз пеш аз ҳама, ба имкониятҳои бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ вобаста аст. Имкониятҳои бонкҳо гуногунанд ва ба ҳаҷми сармояи оинномавӣ ва сармояи умумии онҳо вобаста мебошанд.

Баъзе аз бонкҳо нисбат ба дигарашон хатари қарзиро кам намуда, идора кардани онро хуб ба роҳ мегузоранд. Бо ин ҳам бонк метавонад амалиёти хатардорро низ гузаронад, агар вай бозори бонкиро хуб дарк карда ва кормандони таҷрибадор дошта бошад.

Мақсади асосии идора намудани хатари бонкӣ роҳ додан ва ё роҳ надодан ба хатар аст. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани хатар чораҳои фаврӣ андешида пеши роҳи хатарро бигирад ё онро кам кунад.

**Хатари фоиз** - ин хатар проблемае мебошад, ки идора кардани он аз зери назорати бонкӣ тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ берун аст. Ин хатар бо таъсири омилҳои зиёд вобастагӣ дорад, аз ҷумла тағйирёбии сатҳи фоизи бозори қарз.

**Хатари пардохтпазирӣ** - ин хатар дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки:

якум, мӯҳлати депозитҳо ва амонатҳо аз мӯҳлати қарзи додашуда камтар бошад;

дуюм, бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ сармояи кофӣ дошта бошад ва меъёрҳои иқтисодии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд. Дар ин ҳолат пардохтпазирии худро нигаҳ дошта метавонад;

сеюм, дар бозор мавқеи худро нигаҳ дошта тавонад;

чорум, ӯҳдадориҳои молиявии худро дар вақташ иҷро карда тавонад.

Дар фаъолияти бонкҳо ё ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дигар хатарҳо низ вуҷуд доранд.

Хатари бонкӣ ба сохтори ҳуқуқии бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ низ вобастагии зиёд дорад.

Дар бозори бонкӣ, бонкҳои эмиссиягар, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ фаъолият мекунанд.

Вазифаи асосии бонкҳои эмиссиягар ин танзими эмиссияи пул ва пули дар муомилотбуда мебошад. Ин амал

асосан ба зиммаи бонкҳои марказӣ гузошта шудааст. Бонкҳои марказӣ метавонанд давлатӣ, миллӣ, халқӣ ва дигар бонкҳое, ки дар асоси қонунгузорӣ амалиёти эмиссия пул ва аз муомилот гирифтани пулҳои нақдро иҷро менамоянд.

Бонкҳои эмиссиягар ба соҳаҳои хоҷагии халқ қарз намедиҳанд. Ин амалиётро бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ иҷро менамоянд.

Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат медиҳанд ва инчунин ба муштариён хизматҳои гуногуни бонкӣ мерасонанд.

Бинобар он ки қарзҳо ба як мӯҳлати муайян бо фоиз дода мешаванд, баъд аз гузаштани мӯҳлати муқарраршуда фоизи онро зиёд мекунанд. Ба назар чунин менамояд, ки агар фоизи қарз зиёд карда шавад, фоидаи бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ низ зиёд мешавад. Аммо дар амал баръакси он шуданаш аз имконият дур нест.

Бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ бояд ҳаракат намояд, ки қарзҳои додашударо дар мӯҳлати муқарраршуда бисситонад. Карзҳои дар мӯҳлати муқарраршуда барнагашта чун қарзи беэътимод ҳисобида мешавад ва зарари бонкро зиёд мекунад.

Фоидаи бонкӣ тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ фарқи байни даромаде, ки аз қарзҳои додашуда ва дигар хизматҳои бонкӣ мегирад ва аз хароҷоти он иборат мебошад.

Асоси мавҷудият, фаъолият ва инкишофи бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дуруст ва самаранок истифода намудани активҳои он аст. Бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, ҳолати идора намудани активҳояш ва самаранок истифода бурдани онҳоро ба қарз медиҳад ва ё коғазҳои қиматнок мехарад.

**Ҷараёни додани қарз.** Агар қарзгиранда ба бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ҷиҳати ги-

рифтани қарз мурочиат намояд, корманди он бо ин қарзгиранда гуфтугӯ карда аз вай тавозун ва ҳуҷҷатҳои дигари заруриро талаб намуда, вазъи молиявӣ, пардохтпазирии онро арзёбӣ карда, мақсади гирифтани қарз, маблағи қарз, мӯҳлати баргардонидани онро мушаххас ва инчунин шарту шароити доду ситади қарзро муқаррар менамояд. Баъд аз ҳаматарафа омӯхтани вазъияти корхонаи қарзгиранда қарз дода мешавад.

Баъди додани қарз, корманди бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ аз болои фаъолияти корхона то баргаштани қарз назорат мебарад ва дар давраи назорат ба он аҳамият медиҳад, ки корхонаи қарзгифта ин қарзро ба мақсади дар шартнома нишон додашуда истифода мебарад ё ба дигар мақсад, ки боиси пайдоиши хатари барнагаштани қарз ва фоизи он дар мӯҳлати муқарраршуда мегардад.

**Инвеститсиякунонӣ (маблағгузорӣ) барои харидани коғазҳои қиматнок.** Бонки тиҷоратӣ метавонад қисми саҳмияҳое, ки муштарии он мебошад, харидорӣ намояд. Харидани қисми саҳмияи корхона ба бонки тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки дорои гирифтани қисми фоидаи он гардад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ харидани қисми саҳмияи корхона - муштарии бонки тиҷоратӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ хеле ривоҷ ёфтааст ва бояд ин амал дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ огоз ва ривоҷ ёбад. Зеро аз харидорӣ намудани саҳмияи корхона бонкҳо фоида ба даст меоранд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳо асосан ӯҳдадориҳои кӯтоҳмудати давлатӣ ва сертификатҳои (вомҳои) Бонки миллии Тоҷикистонро харидорӣ мекунанду халос.

**Кор бурдан бо коғазҳои қиматнок.** Бонкҳо барои зиёд намудани фонди оинномавии худ метавонанд когазҳои қиматнокро нашр карда ба фурӯш баророанд ё ин, ки аз дигар бонкҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ ё ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати давлатиро бихаранд. Бонки тиҷоратӣ ин

нишифаро ба ҳамон сохтораш ( идора ё шӯъба) вогузор менамояд, ки аз ӯҳдаи ин кор мебарояд ва ҳисоби коғазҳои қиматнокро дуруст ба роҳ мемонад.

Дар ҳолати харидани коғазҳои қиматнок шарти пардохти дивиденд ва мӯҳлати пардохти маблағи коғазҳои қиматноки харидашуда дар шартнома дарҷ мегардад. Дар вақти расидани мӯҳлати бозхариди коғазҳои қиматнок, фурӯшанда бояд маблағи коғазҳои қиматнок ва дивидендро пурра ба харидор баргардонад.

Дар шароити имрӯза қариб ҳамаи бонкҳои тиҷоратии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда саҳмияҳои худро нашр карда ба фурӯш мебароранд ва бо ин роҳ фонди оинномавии худро зиёд мекунанд.

Саҳмияҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ мебароранд ду навъ мебошанд: саҳмияҳои оддӣ ва саҳмияҳои имтиёзнок. Дорандаи саҳмияи оддӣ ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар Маҷлиси Шӯрои саҳомон иштирок намояд ва овоз бидиҳад.

Соҳиби саҳмияи имтиёзок ҳуқуқи дар Маҷлиси Шӯрои саҳомон итирок карданро дорад, аммо аз ҳуқуқи овоздиҳӣ маҳрум мебошад. Вале дорандаи саҳмияи имтиёзнок, новобаста аз сатҳи фоидаи бонки тиҷоратӣ дивиденди дар саҳмия нишондодашударо мегирад, ҳол он ки дивиденди саҳмияи оддӣ ба сатҳи фоидаи бонки тиҷоратӣ вобастагӣ дорад.

Аз моҳи сентябри соли 1998 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон векселҳои (баротҳои) кӯтоҳмуддати давлатро нашр намуда ба фурӯш баровард. Ин коғази қиматноки давлатӣ дар як ҳафта ду маротиба ба воситаи музояда (аукцион) фурӯхта мешавад. Дар ин музояда ҳамон бонкҳое иштирок карда метавонанд, ки дар ҳисобашон маблағи кофи барои дар музояда иштирок карданро дошта бошанд.

## 1.2 Вазифа ва мақсади бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ

Вазифаҳое, ки бонки тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ иҷро менамоянд, бо сатҳи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва муносибатҳои бозорӣ алоқаманданд. Бинобар ин, вобаста ба сатҳи муносибатҳои бозорӣ, бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, метавонад дар назди худ вазифаҳои зиёдеро гузорад. Баъзе аз вазифаҳои асосии бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкиро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст.

Яке аз вазифаҳои бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, миёнаравӣ байни фурӯшандагон ва харидорон буда, вай дар додани қарз низ нақши миёнаравиро иҷро менамояд. Миёнаравӣ барои додани қарз дар аз навтақсимкунии маблағҳои пулии муваққатан озодмондаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ифода меёбад. Додани қарз дар муздинокӣ будани он, баргардонидан ва таъмини моддӣ доштани он асос меёбад, вақте ки бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ин вазифаи худро иҷро менамояд ба субъектҳои хоҷагидорие, ки ба маблағҳои пулӣ зарурат пайдо мекунанд, талаботи онҳоро қонеъ мегардонад. Гирандаи қарз бо ин пул маводи зарурира харидорӣ намуда, фаъолияти хешро идома медиҳад ва аз фурӯши маҳсулот даромад гирифта, фоида ба даст меорад. Аз даромади гирифтааш маблағи қарзи гирифтаро бо фоизаш баргардонида фаъолияташро давом медиҳад.

Бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, бо ин амали худ боиси ривоҷ ёфтани иқтисоди бозорӣ мегардад. Бояд тазаккур дод, ки бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, дар вақти додани қарз фаъолияти қарзгирандаро ҳаматарафа меомӯзад ва хатари барнагаштани қарзро пешгирӣ менамояд. Маблағҳои пулӣ дар ҷамъият метавонанд бе иштироки бонкҳо низ ҷо ба ҷо гу-

зошта шаванд, яъне корхонаҳо байни худ додугирифт намоянд. Аммо дар ин ҳолат хатари барнагаштани ин маблағҳои пулӣ зиёд мешавад, зеро имкон дорад корхонаи қарздиҳанда аз пардохтпазирии корхонаи қарзгиранда хабар надошта бошад. Агар маблағҳои муваққатан озодмондаи як ё якчанд корхона бо воситаи бонки тиҷоратӣ ба қарз дода шавад, бонк пеш аз ҳама фаъолияти молиявии корхонаи қарзгирандаро ҳаматарафа омӯхта, баъд масъалаи додани қарзро ҳал менамояд.

Вазифаи дигари бонки тиҷоратӣ- ҳавасмандгардонии субъекти хоҷагидорӣ ва аҳолӣ барои дар бонкҳо нигаҳ доштани маблағҳои пулӣ ба шумор меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ инкишоф додани соҳаҳои хоҷагии халқ бояд пеш аз ҳама на аз ҳисоби маблағгузориҳои хориҷӣ, балки аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, бонкҳои тиҷоратиро на танҳо ба ифтитоҳи суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷорӣ ва дар онҳо нигаҳ доштани маблағҳои муваққатан озодмонда, балки барои зиёд шудани муштариён ҳавасманд мегардонад. Ин чорабинӣ, дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани сиёсати амонатии бонки тиҷоратӣ татбиқ мегардад. Бонки тиҷоратӣ бояд дар сиёсати худ барои зиёдтар ҷалб намудани амонату пасандозҳо фоизи онҳоро зиёд намояд. Дар шароити ҳозира корхонаҳо ва аҳолӣ сатҳи таваррумро мушоҳида намуда, рафти истифодаи маблағҳои пулиашонро муайян мекунад. Аз ин рӯ, агар фоизе, ки аз амонатҳо ва пасандозҳо ба даст меоранд нисбат ба сатҳи таваррум зиёд бошад, албатта пули худро дар бонкҳо нигаҳ медоранд.

Қобили тазаккур аст, ки зиёд кардани фоизи амонатҳою пасандозҳо ҳоло гарави он шуда наметавонад, ки ҳаҷми амонат ва пасандозҳо зиёд шавад. Ба ғайр аз фоиз боз бонкҳои тиҷоратӣ, гарави дар вақташ баргардонидани амонат ва пасандозҳоро бояд дода тавонанд.

Дар шароити имрӯза гарави баргардонидани амонат ва пасандозҳо дар ҳолати бад шудани вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ, ин захираҳои ҳатмии онҳо дар Бонки

миллии Тоҷикистон буда ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2003 таҳти № 886 «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» ҳисоб меравand. Бонкҳо бояд ташкилоти суғуртавии амонат ва пасандозҳоро ташкил кунанд. Мавҷудияти ин гуна ташкилот дорандагони маблағҳои пулиро бе шубҳа ҳавасманд менамояд, ки пулҳои муваққатан озоди худро дар бонкҳо нигаҳ доранд. Ҳамин тариқ, бонкҳои тиҷоратӣ, дар натиҷаи ҷалб намудани амонат ва пасандозҳо фонди инвеститсионии мамлакатро афзун гардонида имконияти инвеститсионии дохилиро барои рушди иқтисодиёт ва истифодаи самараноки он таъмин менамоянд.

Вазифаи сеюми бонкҳои тиҷоратӣ -миёнаравӣ байни субъектҳои ҷудогонаи хоҷагидорист, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ маънои навро ба худ мегирад. Дар даврае, ки моликияти ҷамъиятии инҳисори (монополияи) давлатӣ вуҷуд дошт, тамоми ҳисоббаробаркуниҳо байни субъектҳои хоҷагидорӣ асосан тавассути бонки давлатӣ сурат мегирифт ва хатари бонкӣ аз ин амалиёт қариб вуҷуд надошт ва агар бошад ҳам бисёр ночиз буд. Зеро шаклҳои пардохт аз тарафи бонки давлатӣ муайян карда мешуд ва истифодаи дурусти онҳо барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидорию бонкҳо ҳатмӣ буданд. Акнун дар ҳолате, ки бонкҳо мустақил фаъолият мекунанд ва ҳисоббаробаркунӣ байни бонкҳои мустақил анҷом дода мешавад, дар ин амалиёт хатари бонкӣ ба миён меояд. Дар ин шароит ҷавобгарии бонкҳои тиҷоратӣ барои иҷро намудани супориши муштариён хеле зиёд гардид.

Дар тамоми мамлакатҳое, ки ба иқтисоди бозорӣ гузаштаанд ва гузашта истодаанд, дар беҳтар намудан ва ривоҷ ёфтани пардохтҳои пулии бе истифодаи пули нақд байни субъектҳои хоҷагидорӣ, бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳимро мебозанд ва бонкҳо ӯҳдадоранд самаранокии ин пардохтҳоро таъмин намоянд.

Бонкҳои тиҷоратие, ки барои фаъолияти бонкӣ иҷозатнома доранд, ҳуқуқ доранд коғазҳои қиматнок

нашр кунанд ва фурӯшанд, коғазҳои қиматноки дигаронро харидорӣ намоянд ё барои нигоҳдорӣ бигиранд ва ғайра.

Бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд ба муштариёни худ дар бораи барориши коғазҳои қиматнок маслиҳатҳои музднок бидиҳанд ва аз номи муштариён ин коғазҳои қиматнокро дар бозор фурӯшанд. Бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд, маблағҳои худро низ барои харидани коғазҳои қиматнок истифода намуда, даромад ба даст оранд.

### 1.3 Дарёфт намудани имкониятҳои мавҷудаи бонки тиҷоратӣ

Таҳлили имкониятҳои бонки тиҷоратӣ шароит медиҳад, ки тавозунашро ба талаботи бозор мувофиқ кунонад. Дар ҷараёни фаъолият барномаи аз ҷиҳати илмӣ мукаммал тартиб диҳад, ки ҳамаи тарафҳои бозорро дар бар гирад, ин барои қарорҳои дуруст қабул кардан мусоидат мекунад.

Таҳлили имкониятҳои бонки тиҷоратӣ бояд аз нуқтаи назари омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки дар ин муҳит фаъолият мекунад, мадди назар гирифта шавад.

Таҳлили омилҳои дохилии фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар асоси муаяйн намудани ҳолати молиявии он, феҳристи хизматҳои расонидашуда, сатҳи аз техникаи ҳозиразамон таъмин будан, таҷрибаи корӣ ва малакаи кормандон сурат мегирад. Инчунин бонки тиҷоратӣ дар даст маълумотҳои заруриро оид ба бозор ҷамъоварӣ намуда, дар вақти таҳлили имкониятҳои дохилӣ мавриди истифода қарор диҳад.

Доираи шароитҳои берунии бонки тиҷоратӣ хеле васеъ мебошад ва бо самти сиёсати фаъолияти хоҷагидории давлат, чораҳои ба эътидол овардан ва танзими иқтисодиёт, инчунин нақши назорати Бонки миллии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Дар таҷрибаи фаъолияти ҳаррӯзаи бонки тиҷоратӣ ин омилҳо омӯхта ва таҳлил карда мешаванд. Ҳолати муайян кардани имкониятҳои бонк, қабл аз ҳама омӯхтани тавозуни (баланси) бонк зарур аст. Зеро дар тавозуни он омилҳои зарурӣ ва кофӣ барои таҳлили пардохтпазирии он, даромаднокӣ, инчунин дараҷаи хатари бонкиро аз амалиёти он дарёфт намудан мумкин аст.

Тавозуни бонк ҳуҷҷатест, ки дар асоси он фаъолияти молиявӣ ва самтҳои дигари фаъолияти онро таҳлил кардан мумкин аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ чунин хатарҳо вуҷуд доранд монанди: хатарҳои қарзӣ, фоизӣ, бозорӣ, асъорӣ, байнидавлатӣ ва ғайра.

Дар асоси маълумотҳое, ки аз тавозуни бонки тиҷоратӣ гирифта мешавад, имконияти муайян намудани воситаҳои хусусӣ ва ҷалбгардида, таркиби онҳо, инчунин сифати ҷобаҷогузории онҳоро муайян кардан мумкин аст.

Системаи ҳозираи ҳисоби муҳосибавӣ дар бонкҳо тибқи стандарти байналхалқӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳар корманди бонки тиҷоратӣ системаи ҳисоби муҳосибавӣ ва ҳисоботи бонкиро ба хубӣ донад. Зеро донистани ҳисобу китоби бонкӣ ба кормандони он шароит медиҳад, ки вазифаи худро бо сифати хуб иҷро намоянд.

Донистани ҳисоби муҳосибавӣ барои мукаммал таҳлил намудани тавозуни он кӯмак расонида, дар рафти таҳлили тавозун норасоиҳои мавҷуда дарёфт гардида, ҷиҳати ислоҳи онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Таҳлили тавозуни бонкро ба се тартиб ҷудо кардан мумкин аст:

1. Таҳлили функсионалӣ (умумӣ).
2. Таҳлили таркибӣ.
3. Таҳлили амалиётӣ.

**1.Таҳлили функсионалӣ.** Дар ҷараёни гузаронидани таҳлили тавозун ба ин тартиб, фаъолияти бонки тиҷоратӣ ба таври умумӣ арзёби мегардад. Илова бар ин, муносибати бонки тиҷоратӣ бо бонкҳои дигар, корхонаҳо,

ташкилотҳо, шахсони воқеӣ ва ғайра низ арзёбӣ мегарданд, зеро маҷмӯи муносибатҳои дохилии бонки тиҷоратӣ барои ба рақобат таъсир кардан кӯмак мерасонад.

Таҳлили функсионалӣ (умумӣ) шароит медиҳад, ки масъалаҳои самаранок иҷро намудани амалиёти бонкӣ мутобиқи вазифаҳои дар пешгузошта сурат мегирад ё не.

Дар ҷараёни ин таҳлил ба масъалаҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад, монанди: маблағи умумии тавозун; таносуби воситаҳои пулии ҷалбшуда ва қарзҳои додашуда; таносуби воситаҳои хусусӣ ва ҷалбгардида; ҳиссаи амалиёти ҷудогонаи бонкӣ дар ҳамаи амалиёти гузаронидаи бонк ва ғайра. Муҳимаш он аст, ки дар ҷараёни ин таҳлил аз тавозуни бонк маълум мегардад, ки он ба кадом соҳаҳо таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Бинобар ин, муайян намудани амалиёти самараноки бонки тиҷоратӣ боиси дубора таҳлил намудани тавозуни он гардида, роҳҳои боз ҳам амалиёти самаранокро зиёд намуда, ҷиҳати афзудани фоидаи бонк чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

**Таҳлили таркибӣ** - қисми амалиёти бонк, инчунин таркиби даромад, хароҷот ва сатҳи фоидаи онро дар бар мегирад. Агар дар ҷараёни таҳлили таркиби хароҷот, хароҷоти аз меъёр зиёд ё нолозимиро дарёфт намоянд, ҷиҳати кам кардани хароҷот чораҳои зарурӣ андешида мешавад, зеро қисми асосии хароҷоти бонкро музду маоши кормандон ташкил медиҳад, бонк чораҳоеро меандешад, ки миқдори он кормандоне, ки кори якдигарро такроран иҷро менамоянд ё амалиёти бо ҳам наздикро иҷро мекунанд кам (ихтисор) намояд. Бо ин роҳ бонки тиҷоратӣ метавонад фоидаи худро афзун гардонад. Таҳлили таркибӣ самтҳои амалиёти зеринро дар бар мегирад:

а) **таҳлили таркиби амалиёти пассивии бонки тиҷоратӣ.** Омӯхтани тавозуни бонк аз таҳлили амалиёти пассивии он сурат мегирад, зеро сарчашмаи маблағҳо таркиби амалиёти активии бонки тиҷоратиро муайян менамояд. Тавре ки маълум аст сарчашмаи маблағҳои бонки

тиҷоратӣ аз сармояи хусусӣ, маблағҳои ҷалбшуда иборат мебошад. Маблағҳои ҷалбшуда сарчашмаи асосии сармояи бонки тиҷоратиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, дар ҷараёни таҳлил муайян намудан зарур аст, ки ин маблағҳо аз куҷо ва ба кадом мӯҳлат ҷалб шудаанд.

Дар ҷараёни таҳлили таркиби амалиёти пассивии бонк, маблағҳои ҷалбшударо ба гурӯҳҳо тақсим менамоянд ва оид ба таркиби пассиви тавозуни бонк маълумот ба даст меоранд. Илова бар ин, истифодаи самараноки маблағҳои ҷалбшударо муайян менамоянд. Ин ҳолатро дар натиҷаи муайян кардани ҳиссаи маблагҳои ҷалбшуда дар маҷмӯи маблагҳои ба қарз додашуда муқаррар кардан мумкин аст.

Баъзе аз бонкҳо маблағҳои ҷалбшударо на танҳо барои додани қарз, балки ба дигар амалиёти активӣ истифода менамоянд.

Агар натиҷаи таҳлил нишон диҳад, ки ин нишондод аз як кам бошад, онро мефаҳмонад, ки қисми маблағҳои ҷалбшуда ба дигар амалиёти активӣ истифода гардидааст.

б) **таҳлили таркиби амалиёти активии бонки тиҷоратӣ.** Дар ҷараёни гузаронидани ин таҳлил мақсад, ҳаҷм ва дуруст истифодабарии маблағҳо муайян карда мешаванд.

Қабл аз ҳама, маблағи қарзҳои додашуда аз рӯи намуди онҳо (кӯтоҳмуддат, миёнамуддат, дарозмуддат инчунин қарзҳои мӯҳлаташон батаъхир афтода), мақсад ва самтҳои қарзҳои додашуда муайян карда мешавад. Аз рӯи ин маълумот нишондиҳандаҳои зарурӣ, монанди: ҳиссаи қарзҳои мӯҳлати пардохташон гузашта бар ҳамаи ҳаҷми қарзҳои додашуда, сатҳи хатари бонкӣ ва монанди инҳо муайян карда мешавад. Бонкҳо бояд ҳаракат намоянд, ки қарзҳои додашуда дар вақтҳои муқарраршуда баргардонида шаванд ва маблағҳои пулӣ барои пӯшонидани хатар аз эҳтимолияти барнагаштани қарз захира намоянд.

Дар ҷараёни таҳлили тавозуни бонк таркиби даромад ва фоидаи он низ муайян карда мешавад.

**3. Таҳлили амалиётӣ.** Таҳлили амалиётӣ ба он равона карда мешавад, ки ҳар амали содиргардида аз рӯи самаранокӣ ва фоидаоварӣ омӯхта ва арзёби карда мешавад. Ин таҳлил бояд боз ҷиҳати дарёфт намудани имкониятҳои бонк низ гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили тавозуни бонки тиҷоратӣ барои дарёфти фаъолияти сохторҳои он, тартиби барномасозӣ ва сифати он мусоидат мекунад. Илова бар ин, малакаи дониши кормандони бонк ва аз техникаи ҳозиразамон таъмин будани онро арзёбӣ менамоянд.

Аз рӯи маълумотҳои бадастомада имкониятҳои дохилии бонк низ арзёбӣ карда мешавад.

## 1.4 Интихоби вазифаҳо. Омӯхтани талабот

Интиҳоби вазифаҳои мақсаднок аз омӯхтани талаботи бозор, тақсимбандӣ намудани хизматрасонӣ, интихоби соҳаи мақсаднок барои хизматрасонии бонкӣ ва ғайра оғоз мегардад.

Талабот ба хизмати бонкӣ дар ҷамъият ба талаботи истеҳсолии шахсони ҳуқуқӣ ва талаботи истеъмолии шахсони воқеӣ вобастагии зиёд дорад. Ба талабот омилҳои зиёди хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва техникӣ дошта таъсири зиёд мерасонанд. Дар таҷриба мафҳуми талабот ба саволҳои зерин алоқаманд аст: «барои ҷамъият ҳамин шакли хизмати бонкӣ зарур аст ё не?» ва «талаботи ҳақиқӣ ба ин шакли хизмат».

Барои бонк донистани талабот нокифоя аст. Банк бояд боз пардохтпазирии муштарии қарзгиранда, ғарави қарз ва омилҳоеро бидонад, ки хизмати он самара медиҳад ё не. Бонки тиҷоратӣ боз бояд ба он аҳамият диҳад, ки бо кадом ғурӯҳи муштариён хизмат мерасонад ва дар оянда ба кадом гурӯҳи онҳо хизмат расониданист.

Ҷараёни омӯхтани талабот ду ҳолатро дар бар мегирад:

1. Омӯхтани сатҳи талаботи ҷорӣ.
2. Пешбинӣ кардани талабот.

Омӯхтани сатҳи талаботи ҷорӣ арзёбӣ намудани самти ба хизмати бонкӣ зарурат доштани муштариёни доимӣ оғоз мегардад. Дар рафти таҳқиқи талаботи ҷорӣ ҳамон шакли хизматҳоеро дарёфт менамоянд, ки дар давраи ҷорӣ ба он талабот зиёд аст.

Дар ҷараёни пешбинӣ кардани талабот ба он аҳамият медиҳанд, ки дар бозор ба кадом шакли хизмати бонкӣ талабот зиёд аст ва кадом омилҳо ба ин талабот таъсир мерасонанд. Илова бар ин, бонки тиҷоратӣ бояд шароити худро ба ҳисоб гирад, ки мутобиқи маблағҳои дар даст доштааш талаботи муштариёнро қонеъ карда метавонад ё не.

Барои пешгӯӣ кардани талабот майли истифодаи ин ё он хизмати бонкӣ, ки онро субъектҳои бозор истифода мебаранд, ҳаматарафа омӯхта мешавад. Омилҳое, ки ба талабот таъсир мерасонанд баррасӣ намуда ва роҳҳои таъмини ин талаботро ҷустуҷӯ карда, ба субъктҳои бозор ҳамон хизматҳоро пешкаш менамоянд, ки барои онҳо ин навъи хизмати бонкӣ зарур аст.

Умуман, ба талабот омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- омилҳои хусусияти сиёсӣ дошта (қабули қонунҳои нав, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, дастурамалҳо ва ғайра);
- омилҳои иқтисодӣ (тағйироти сатҳи истеҳсолот, пардохтпазирии субъектҳои бозор);
- пешрафти прогресси илмию техникӣ;
- тағйир ёфтани нархи хизмати бонкӣ;
- зиёд шудани рақобат аз ҷониби дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва ғайра.

Хулоса, омӯхтани талабот ба хизматҳои бонкӣ талаб менамояд, ки сатҳи талаботи ҷорӣ ва оянда ба таври муфассал таҳлил карда шавад. Натиҷаи таҳлил ҷиҳати тадқиқи имкониятҳои бонки тиҷоратӣ ва мақсади фаъолияти онро муайян карда, роҳҳои васеъ намудани хизмати бонкӣ, ҷиҳати ба даст овардани фоидаи зиёд мусоидат ме-

кунад. Зеро таҳқиқу таҳлили тавозуни бонк онро водор менамояд, ки мувофиқи имкониятҳояш бозорро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда бозори худро интихоб намояд. Рафтори бонки тиҷоратӣ дар бозор, вазифаҳо ва мақсади бонк дар банақшагирии фаъолияти он боз ҳам васеътар ва ба таври мушаххас муайян карда мешавад.

# Боби 2. Банақшагирии фаъолияти бонкӣ

## 2.1 Ақидаҳо оиди банақшагирии фаъолияти бонкӣ

Фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ, аз субъектҳои бозор, аз ҷумла бонкҳо талаб менамояд, ки таҳлили омилҳои дохилӣ ва беруниро ба таври мукаммал гузаронанд, мақсади фаъолиятро муайян намоянд, инчунин стратегияи ба мақсад расиданашонро муайян намоянд. Ин корҳо банақшагирии фаъолияти бонкро талаб менамояд.

Ҷараёни банақшагирӣ, ин муайян намудани ҳудуди амалиёт барои тартиб додани масъалаҳои сифатӣ ва миқдорие, ки дар назди бонк гузошта мешаванд дар бар мегирад. Нақша барои он тартиб дода мешавад, ки тағйиротҳои ҷиддие, ки дар иқтисодиёт ба миён меоянд, бонк фаъолияташоро мутобиқ кунад. Илова бар ин, дар шароити иқтисоди бозорӣ, бонк мехоҳад самти фаъолияташро тағйир диҳад, хизматҳои бонкии дар ин давра ба муштариён зарурро пешкаш кунад ва ғайра.

Тавассути тартиб додани нақша, бонкҳо бозори бонкиро таҳлил намуда чораҳои заруриро барои дар рақобат тоб овардан меандешанд, рафтори худро дар бозор тағйир медиҳанд ва ғайра.

Банақшагирӣ фаъолият ва амали хеле муҳим дар зинаҳои гуногун мебошад. Дар сатҳи аввали банақшагирӣ омилҳо монанди: пешниҳод намудани андешаҳо ва масъалагузориро дар бар гирифта ва дар сатҳи дуюм чораҳо оиди ба масъалаҳо ва вазифаҳо ноил гардидан дар стратегияи бонкӣ ғунҷонида мешавад Дар охир, банақшагирии молиявӣ, тартиб додани буҷети бонк, муайян кардани мақсади стратегии он ва роҳҳои иҷрои фаъолият, инчунин расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар нақша пешбинӣ мешаванд.

**Банақшагирии стратегӣ.** Дар ҷараёни банақшагирии стратегӣ, пешниҳодҳо ва мақсадҳо ба таври васеъ ба ҳисоб гирифта шуда стратегияи бонкро васеъ ва чораҷӯи оиди ба даст овардани мақсадҳои пешбинишуда мадди назар гирифта мешаванд. Дар ҳақиқат, банақшагирии стратегӣ инкишоф ва пешрафти бонкро муайян менамояд. Дар ин ҷараён асоси васеъ шудани фаъолияти бонк дар бозор, тартиби иҷрои қарорҳои қабулшуда, фоидаи бонк, сатҳи хатарҳо аз амалиёти бонкӣ пешбини карда мешавад.

Банақшагирии стратегӣ барои чанд сол тартиб дода шуда дар он усулҳои таҳлили омилҳо ва нақшаҳо дар давоми 3-4 сол нишон дода мешавад. Дар ин нақша талаботи бозор дар давраҳои оянда ба ҳисоб гирифта мешавад ва стратегияи бонкӣ бояд аз рӯи усули «кӣ?» , чӣ?» ва «чӣ тавр?» тартиб дода шавад, яъне муштариёни мо киҳоянд, кадом намуди хизматҳо бояд пешниҳод карда шавад, чӣ тавр талаботи бозорро қонеъ гардонидан мумкин аст.

Албатта, банақшагирии стратегӣ барои бонкҳои навтаъсис зиёдтар зарур аст. Зеро бозори мавҷуда аллакай байни бонкҳои амалкунанда тақсим гардидааст. Дар ин ҳолат барои бонки навтаъсис аз бозор ба даст овардани маълумоти зиёд барои таҳлил заруранд. Он бояд хизматҳои навро пешбинӣ намояд, ки дар бозор ба ин хизмати бонкӣ талабот ҷой дорад, аммо бонкҳои амалкунанда ҳоло механизми ин навъи хизматро тартиб надодаанд дарёфт намуда вобаста ба талаботи бозор хизмати нави бонкӣ пешниҳод намояд.

**Банақшагирии техникӣ** - барои муайян намудани масъалаҳои ҷудогона равона карда мешавад. Масалан, расонидани ягон хизмати нави бонкӣ, роҳҳо ва механизми расонидани ин хизмат ва ғайра. Банақшагирии техникӣ, банақшагирии стратегиро пурра менамояд.

## 2.2 Таҳлили хизмати бонкӣ

Хизматҳое, ки бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ мерасонад, иҷрои амал ба фоидаи муштарӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Асоси расонидани хизмати молиявӣ қонеъ намудани ягон талаботи муштарии бонки тиҷоратӣ ё худ ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ мебошад.

Муштариён (корхона ташкилот, иттиҳодия, фирма) маблағҳои пулии худро дар бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ нигаҳ дошта, талаботи худро барои ҳисобу китоб бо харидорону фурӯшандагон қонеъ мегардонанд. Қобили қайд аст, ки корхона ҳам ба сифати фурӯшанда ҳам ба сифати харидор бароммад мекунад. Илова бар ин, корхона ба пули нақд зарурат пайдо мекунад, коғазҳои қиматноки худро тавассути бонк мефурӯшад, пули миллии дар бонк доштаашро ба асъори хориҷӣ иваз менамояд ва ғайра. Ба ибораи дигар, барои бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ додани маблағ ё тақсими он на барои худ, балки ба фоидаи муштариёни дигари бо ҳам алоқаманд содир менамояд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бонкҳо ба субъектҳои хоҷагидорӣ хизматҳои гуногун мерасонанд, ки асоситарини онҳо навъҳои зеринанд:

- қабули депозитҳо ва амонатҳо;
- додани қарз ба муштариён;
- додани қарзи лизингӣ ва факторингӣ;
- инвеститсионӣ
- ҳисобу китоб байни муштариён ва ғайра.

**Расонидани хизмати депозитӣ ва амонатӣ на танҳо** қонеъ кунонидани талаботи муштраиён барои дар бонк нигаҳ доштани маблағҳои пулии онҳо, балки депозитҳо ва амонатхо яке аз сарчашмаи захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ ба шумор меравад. Бахусус, барои ҷалби онҳо бонки тиҷоратӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Илова бар ин,

барои бонки тиҷоратӣ қарзҳои аз дигар бонкҳо гирифташуда низ аҳамияти калон дорад.

Депозит ва пасандозҳои амонатӣ қабулкардаашро бонки тиҷоратӣ ҳамчун захираи қарзӣ истифода намуда ин маблағҳоро ба диғар шахсони ҳуқуқию воқеӣ ба қарз дода фоида ба даст меорад. Аммо бонки тиҷоратӣ ҳолати додани қарз аз ҳисоби депозитҳою амонатҳо бояд мӯҳлати онҳоро ба ҳисоб гирад. Дар ҳолати риоя накардани ин мӯҳлат вазъи молиявии бонк заиф гардида, имкон дорад он ба хатар дучор гардад. Масалан, бонк депозитро ба 10 моҳ қабул кунаду онро ба мӯҳлати 12 моҳ ба қарз диҳад, дар ҳолати талаб кардани депозит аз ҷониби муштарӣ бонк ӯхдадории молиявии худро иҷро карда наметавонад ва эътибори бонк мекоҳад.

Депозитҳое, ки бонк қабул менамояд ба ду гурӯҳӣ асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: яъне амонатҳои мӯҳлатдор ва амонатҳои бемӯҳлат.

Дар нақшаи зерин ҳаҷми амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии ҷалбшударо.дар ҳамаи бонкҳо нишон медиҳем:

(ба ҳаз.сомонӣ)

| Номгӯй | С | о | л | ҳ | о | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 |
| Ҳамагӣ амонатҳо ҷалбшуда | **211,73** | **3.654,3** | **6.614,7** | **8.254,1** | **12.173,3** | **20.616,9** |
| Бо асъори миллӣ | **148,4** | **2. 473,4** | **4.266,8** | **5,396,6** | **7.337,5** | **9.790,9** |
| Бо асъори хориҷӣ ба сомонӣ | **63,3** | **1.180,0** | **2.347,8** | **2.857,8** | **4.835,8** | **10.825,9** |
| | | | | | | |

**Хизмати қарзӣ.** Ба муштариён додани қарз яке аз вазифаҳои муҳими бонкӣ буда сарчашмаи асосии даромади бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ аз

фоизи қарзҳо ба шумор меравад. Таснифи зиёди қарзҳо вуҷуд дорад, ки аз рӯи самтҳои истифодаи онҳо муайян карда шудааст.

Қарзҳоеро, ки бонкҳо медиҳанд ба таври зерин таснифбанди кардан мумкин аст: қарз ба соҳаҳои савдо ва саноат; қарз ба шахсони воқеӣ; қарз ба бонкҳои тиҷоратӣ; қарз бо гарави амволи ғайриманқул; қарз аз рӯи коғазҳои қиматнок; қарз ба корхонаҳои агросаноатӣ; қарз ба ташкилотҳои матлуботӣ; қарз ба ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ; қарз ба бонкҳои хориҷӣ; қарзи истеъмолӣ ба аҳолӣ ва ғайра.

Ҳолати додани қарз, бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ вазъияти молиявии қарзгирандаро ҳаматарафа омӯхта арзёбӣ менамояд ва баъди додани қарз аз рӯи фаъолияти қарзгиранда назорат мебарад. Ин амал ба он мақсад анҷом дода мешавад, ки: якум, муайян намудани имконияти баргаштани қарз дар мӯҳлати муқаррар шуда; дуюм, арзёби намудан ва мақсаднок будани дароз кардани мӯҳлати қарз; сеюм, кам кардани хатари бонкӣ аз қарзҳои додашуда.

Аз рӯи мӯҳлат ва баргардонидан қарзҳои бонкӣ тақсим мешавад ба: кӯтоҳмуддат - то як сол; миёнамуддат - аз 1 то 3 сол; ва дарозмуддат - зиёда аз 3 сол. Аммо ба ин мӯҳлатҳо додани қарз дар ҳар мамлакат гуногунанд. Масалан дар ИМА ба қарзҳои кӯтоҳмуддат қарзҳое дохил мешаванд, ки мӯҳлати баргардониданашон то 1 сол, миёнамуддат аз 1 то 10 сол , дарозмуддат зиёда аз 10 сол. Дар Британияи Кабир бошад, қарзҳое, ки аз 3 то 10 сол дода мешаванд миёнамуддат ҳисобида, қарзҳои дарозмуддат зиёда аз 10 солро дар бар мегирад.

**Амалиёти инвеститсионӣ.** Бонкҳо ин амалиётро бо ду роҳ мегузаронанд. Гузаронидани амалиёт бо гирифтани ҳаққи хизмат ва аз ҳисоби воситаҳои хусусии худ. Хариду фурӯши коғазҳои қиматнок бо гирифтани ҳаққӣ хизмат ҳамчун фаъолияти миёнаравии бонки тиҷоратӣ ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат бонки тиҷоратӣ бо супориши

муштарӣ аз ҳисоби он ва аз номи худ когазҳои қиматноки онро мефурӯшад ва муштарии дигар мехоҳад коғазҳои қиматнок биҳарад.

Коғазҳои қиматнокро аз бозори когазҳои қиматнок (биржа) харидан мумкин аст ё бонки тиҷоратӣ метавонад коғазҳои қиматнокро ба муштарӣ аз захираҳои худ бифурӯшад.

Дар таркиби амалиёти бонки тиҷоратӣ амалиёти эмиссиониро дидан мумкин аст. Ширкат (барорандаи) коғази қиматнок агар имконият дошта бошад ин коғазҳоро худаш ба фурӯш мебарорад, аммо барои ин амал вай бояд оид ба бозори коғазҳои қиматнок маълумоти кофӣ дошта бошад ва бо дигар корхонаҳое, ки эҳтимолияти ин коғазҳоро харидан доранд алоқаи зичи муносибатҳои иқтисодӣ дошта бошад ё ин ки худ ҷиҳати фурӯхтани ин коғазҳо ба бонке, ки ба вай хизмат мерасонад муроҷиат намояд. Ҳолати ба бонки худ муроҷиат кардан, муштарӣ бо бонки тиҷоратӣ шартнома мебандад, ки мувофиқи он бонки тиҷоратӣ коғазҳои қиматнокро аз муштарӣ мегирад ва баъди фурӯхтан ҳақи хизмати худро гирифта боқимондаи пулро ба ҳисоби муштарӣ мегузаронад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷараён пайдо шуда ривоҷ ёфта истодааст.

**Дигар хизматҳои бонкӣ.** Тавре ки дар боло қайд гардид, бонки тиҷоратӣ қисми асосии фоидаи худро аз амалиёти қарзӣ ба даст меоварад. Фаъолияти ивеститсионӣ гарави гирифтани даромади иловагиро медиҳад.

Аммо бонкҳои тиҷоратӣ ҳаракат менамоянд, ки даромад ва фоидаи худро зиёд кунанд. Бинобар ин, навъи хизматҳои бонкӣ рӯз аз рӯз меафзоянд. Ба хизматҳои дигари бонкӣ дохил мешаванд:

1. Ташкил ва гузаронидани амалиёти ҳисобу китоб ва ҳазинавӣ.
2. Нигаҳ доштани (ҳифзи) амволи қиматбаҳо.
3. Хизмати консултативӣ.

4. Хизмати иттилоотӣ
5. Хизмати аудиторӣ.
6. Хизмати муҳандисӣ -экспертизаи иқтисодӣ
7. Додани гаравномаҳо ва ғайра.

### 2.3 Таҳлили таъсири омилҳо ба стратегияи бонкӣ

Дар ҷараёни таҳлил омилҳоеро дарёфт кардан зарур аст, ки ба стратегияи бонкӣ таъсир мерасонад ва онҳоро ба таври бояду шояд омӯхта муайян кардан лозим меояд, ки ин омилҳо ба кадом андоза ба стратегияи бонкӣ таъсир мерасонанд. Маъмулан, таҳлили муҳитро дар сатҳи микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ (имкониятҳои бозор, хатари бозорӣ, стратегияи ҷории бонкӣ, сатҳи иқтисодиёт ва ғайра) мегузаронанд.

Ҳолати таҳлили омилҳои берунӣ ба рақибҳо бояд аҳамияти хоса дода шавад; (муносибат бо фурӯшандагон; бо муштариён: бо аудиторони мушаххас ва гайра).

Дар омилҳои нишондодашуда ҷои намоёнро муносибат бо рақибон ишгол менамояд. Муносибат бо рақибон аз нуқтаи назари ҳолати фаъолиятии молиявии онҳо ва арзёбии фаъолияти худи бонк таҳлил карда мешавад.

Барои гузаронидани ин таҳлил, пешгӯии оянда хеле аҳамияти калон дорад. Барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда самтҳои зерин бояд маддӣ назар гирифта шаванд:

1:Омӯхтани стратегияи ҷории рақибон.

2.Таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рақибон.

3.Таҳлили омилҳои берунае, ки ба рақибон таъсир мерасонанд.

4.Таҳлили мақсадҳои оянда ва имкониятҳои стратегии рақибон.

Таҳлили фаъолияти рақибони асосӣ, бинобар набудани маълумотҳои зарурӣ ба мушкили меоварад. Зеро ба даст овардани маълумот оид ба таҳлили фаъолият ва стратегияи рақиб хеле мушкил аст. Дар ҳолати ба даст овардани маълумотҳои дақиқ оид ба стратегияи рақиб

имкон медиҳад, тарафҳои қавӣ ва заифии он ба таври дилхоҳ омӯхта шуда чораҳои зарурӣ ба нақша гирифта шаванд.

Барои пешгӯӣ кардани стратегияи худ бонки тиҷоратӣ бояд ба саволҳои зерин ҷавоб гуфта тавонад:

- кадом омилҳои беруна барои рақиб имкониятҳои хубро дар бозор муҳайё менамояд?;
- Чи тавр тарафҳои қавӣ ва заифии рақиб ба талаботи бозор ҷавобгӯ мебошад?;
- оё рақиб аз шароити ҳозираи ҷорӣ қаноатбахш аст ё не?.
- стратегияи рақиб чӣ тавр тағйир меёбад ва самти стратегияи он кадом тараф аст?.

Арзёбии рақобатпазирии бонк дар бозор аз муқоисаи ҳолати он бо рақибони асосӣ оғоз меёбад. Зеро ингуна муқоисакуниҳо дар асоси нишондодҳои зерин сурат мегирад:

а) ҳиссаи мутлақи бозор (ҳиссаи хизматрасонии бонкро дар бозор ҳисоб намуда дар ҳамаи бозоре, ки омӯхта мешавад муайян кардан лозим аст);

б) ҳиссаи нисбии бозор (таносуби меъёри фоизро дар бозори хизматрасонида истода бар ҳамаи меъёри фоизи бозорӣ муайян кардан зарур меояд);

в) даромаднокии нисбӣ (бонки тиҷоратӣ даромаднокии нисбии худро бо ҳисоби миёнаи ин нишондоди рақибони худ муқоиса менамояд);

г) сифатнокии нисбии хизмати бонкӣ (сифатнокии нисбии хизмати худро бонк таҳлил намуда ва онро бо ҳамин гуна нишондоди рақибон муқоиса мекунад);

ғ) арзиши нисбии хизмати бонкӣ (арзиши нисбии хизмати худро таҳлил намуда бо ҳисоби миёнаи ҳамин навъ хизматҳои рақибони асосӣ муқоиса менамояд);

д) ба миён омадани хизматҳои нави бонкӣ (ҳиссаи хизматҳои нави худро дар бозор арзёбӣ намуда бо ҳамин навъи хизматрасонии рақибони худ муқоиса менамояд. Ба

кадом андозае, ки ҳиссаи ин навъи хизматрасонӣ зиёд бошад ба ҳамон андоза рақобатнокии бонк баланд аст).

Бонк бояд омилҳои дигарро низ монанди: стратегияи афзоиши сандуқи қарзӣ; нишондодҳои молиявии пешбинишуда ва дигар нишондодҳоро ҳаматарафа омӯхта таҳлил намояд ва ба онҳо нишондодҳои худро муқоиса кунад.

Баъд бонки тиҷоратӣ имкониятҳои худро нисбат ба рақибон омӯхта, ҷиҳати кам кардани хатари бонкӣ чораҳои зарурӣро меандешад.

## 2.4 Давраҳои банақшагирӣ

Ҷараёни банақшагирӣ одатан панҷ давраро дар бар мегирад:

1. Ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ.

2.Қабули қарорҳо - муайян намудани самти фаъолият, бартарии он, тартиб додани барномаҳо барои воҳидҳои ҷудогона.

3.Ҳуҷҷатӣ кардани амалиёт - ба рӯи коғаз овардани нақша, стратегияи воҳидҳо, тартиб додани буҷети бонк.

4.Ба маълумоти умумии роҳбарон, саҳмдорон пешкаш намудани фишурдаи нақшаи тартиб додашуда.

5.Роҳҳои иҷрои нақша ва идора кардани он.

**Ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ ва таҳлили онҳо.** Дар давраи аввали тартиб додани нақшаи бонки тиҷоратӣ аз таҳлили вазъи иқтисодии мамлакат ва бозор оғоз меёбад. Маълумотҳо барои он ҷамъоварӣ карда мешаванд, ки самтҳоиояндаи фаъолияти бонкӣ муайян карда шавад.

Ҳуҷҷатӣ намудани амалиётиояндаи бонк маънои онро дорад, ки фаъолияти ҳар воҳиди он, намояндагиҳо ва шӯъбаҳо ба рӯи когаз гирифта шуда самти амали ҳар як воҳиди бонкӣ муайян карда мешавад. Дар давраи ҳуҷҷатӣ намудани амалиётиояндаи бонкӣ омилҳои зерин низ мадди назар гирифта мешаванд, монанди: тартиб додани нақшаи ҷорӣ; стратегия; нақшаи амал; даромад ва хароҷот; тавозуни умумӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ҳамаи

сатҳи бонк (воҳидҳо, намояндагиҳо, шӯъбаҳо). Дар поён маълумоти мухтасар дар бораи омилҳои тазаккурёфта дода мешавад.

1.Нақшаи ҷорӣ аз рӯи маълумотҳои мавҷуда ва хизматҳои раснида тартиб дода ва дар ин нақша фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар давоми соли ҷорӣ ғунҷонида мешавад;

2.Стратегия, ки аз шароити иқтисодию сиёсӣ, таносуби бозор вобастагӣ дорад ва бояд ба саволҳои: «Мо дар куҷо ҷойгирем?», « мо дар куҷо бояд бошем?» ва «Чи тавр дар бозор фаъолияти худро тавсиа диҳем?» ҷавоб ёфта тавонад.

3.Нақшаи амал намудан. Ин давра самти фаъолияти бонк, хизматҳои маъмул ва дарёфти хизматҳои нав ва механизми расонидани ин хизматҳоро дар бар мегирад.

4.Муайян намудани даромадҳо ва хароҷот аз таҳлил ва арзёбии хароҷот ва барои зиёд намудани даромад кадом намуди хароҷотро кам кардан зарур аст, дар бар мегирад. Бонк бояд барои кам кардани хароҷот кӯшида, роҳҳои онро дарёфт намояд. Ба ақидаи мо, қабл аз ҳама, вазифаҳоеро дарёфт намудан лозим аст, ки аз фаъолияти он кормандон барои бонк ба кадом андоза фоида мерасад.

5.Дар стратегияи бонкӣ ҷорабиниҳо ба таври мушаххас тақсим карда шуда, дар он кай ва чӣ бояд кард, ки ин амалҳоро кадом корманд иҷро кунад ва натиҷаи он ба бонк чӣ медиҳад, муайян карда мешавад.

6.Буҷети бонк ба барномаи дарозмуддати маблағгузорӣ, маблағи тахминии солона ва хароҷоти солона, инчунин ба даст овардани фоидаро муайян менамояд.

7.Тавозун ва ҳисоботи молиявӣ маълум менамояд, ки дар як давраи муайян аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои бонк ва бонки болоӣ тартиб додашуда сатҳи хароҷот ва фоида муайян карда мешавад. Агар натиҷаи бадастомада бонкро қаноат кунонад, бонк расонидани ҳамин навъи хизматҳоро ба муштариёни худ давом медиҳад. Агар фои-

даи пешбинишуда ба даст наояд, он гоҳ бонк майли зиёд намудани хизматҳои нави бонкӣ ва васеъ намудани бозори бонкиро мечӯяд.

**Давраи таҳлили маълумотҳо.** Давраи аввали таҳлил аз омӯхтани иқтисодиёт ва бозор оғоз меёбад. Маълумотҳо барои он ҷамъовари ва таҳлил карда мешаванд, ки омилҳоеро муайян намоянд, ки онҳо оянда ва рақобатпазирии бонкро муайян мекунад. Муайян намудани ба даст даровардани фоида аз амалиёти кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин дар ҷараёни таъмин намудани асос барои тартиб додани нақшаи ҷорӣ. Таҳлил одатан аз ҷониби шӯъбаи ба плангирии бонки тиҷоратӣ гузаронида мешавад. Таҳлил бояд омилҳои зеринро дар бар гирад: иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ; болоравии оянда дар бозорҳои амалкунанда;ояндабинии рақобат дар бозорҳо; тарафҳои қавӣ ва заифии бонки тиҷоратӣ.

**Давраи қабули қарорҳо.** Роҳбарони бонки тиҷоратӣ дар ҳар гуна сатҳ бояд нишондодҳои худро муайян намоянд, масалан; даромад, ҳаҷми қарзҳо, хароҷот, зарар аз қарзҳо ва гайра. Натиҷаи ба плангирӣ бояд конкретӣ бошад, ки дар он нишондодҳои микдорӣ ва сифатӣ дарҷ гарданд.

**Давраи ҳуҷҷатикунонӣ.** Давраи ҳуҷҷатикунонӣ муайян намудани стратегии бонки тиҷоратиро дар бар мегирад. Бояд пайдарҳамии мантиқии нақшаҳои фаврӣ мадди назар гирифта шавад: стратегия, нақшаи амал, даромад ва хароҷот, тавозуни умуми ва ҳисоботи молиявӣ ҳам дар сатҳи шӯъбаҳо ва ҳам дар сатҳи бонки болоӣ. Дар поён баъзе маълумотҳоро дар бораи ин ҳуҷҷатҳо шарҳ медиҳем.

а) Стратегия, ки аз шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд меояд дар худ бозор ва бозоршиносиро инъикос менамояд. Вай ба саволҳои зерин ҷавоб медиҳад: «Мо дар куҷо ҷойгир ҳастем?», «Дар куҷо мехоҳем бошем?» ва «Чӣ тавр мо ба онҷо расида метавонем?».

б) Нақшаи чорабиниҳо стратегияи амал ва натиҷаҳои ба даст меомадаро инъикос менамояд. Нақша бояд муайян намояд, ки чӣ кор бояд кард, кай ва ки барои иҷрои нақша ҷавобгӯ аст?. Дар нақша инчунин натиҷаҳои дилхоҳ ва таъсири онҳо дар фоидаи софи бонки тиҷоратӣ гунҷонида мешаванд.

в) Буҷети бонки тиҷоратӣ нақшаи бонкро ба барномаи дарозмуддат табдил дода, маблағи даромади солона ва хароҷоти солона, ки ба даст овардани фоида мебошад, таъмин менамоянд.

г) Тавозун ва ҳисоботи молиявӣ ҳолати молиявии ташкилотҳои бонкиро дар давраи муайян ба худ инъикос менамояд. Ин тавозун ва ҳисоботи молиявӣ дар ҳамаи шӯъбаҳои бонк, ки аз фаъолити онҳо фоида ба даст меояд, тартиб дода мешавад.

# Боби 3. Мафҳуми устувори ва босуботии бонки тиҷоратӣ

## 3.1 Мафҳуми босуботии бонки тиҷоратӣ

Дар шароити ҳозираи хоҷагидорӣ масъалаи фаъолияти босубот ва устувории бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷумҳуриҳои мустақил аҳамияти зиёд пайдо мекгунад.

Ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ, яке аз масъалаҳои актуалии назариявӣ ва амалии иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад.

Устувории бонкҳо - на танҳо сиёсати мавҷудияти онҳо, балки стратегияи пешравии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Аз пешравии фаъолияти бонкӣ, дар мамлакат гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ вобастагии зиёд дорад.

Бонкҳо ҷузъи ягонаи иқтисодиёти мамлакат буда, яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёт ба шумор меравaнд. Вазъияти молиявии бонкҳо ва иқтисодиёт бо ҳам пайвастаанд. Пешравии ҳар яки онҳо аз ҳамдигар вобастагии зиёд доранд. Маъмулан, пешравии бонкҳо ҷиҳати афзун гаштани маблаггузориҳо гардида, ба пешравии иқтисодиёт мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, давлат ҷиҳати устувор фаъолият намудани бонкҳо манфиатдор аст, зеро муфлисшави бонки тиҷоратӣ аз муфлисшавии дигар корхонаҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Муфлисшавии як бонки нисбатан бузург, на танҳо ба низоми бонкии дохили ва иқтисодиёти мамлакат, балки ба иқтисоди дигар мамлакатҳо бе таъсир намемонад.

Аз инрӯ, масъалаи босубот ва устувор фаъолият намудани низоми бонкӣ, бояд дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат ва тамоми ҷамъият бошад.

Ба устувории бонк, қабл аз ҳама, бояд саҳмдорон, амонатгузорон ва пасандозкунандагон манфиатдор бошанд, зеро бонк дар натиҷаи фаъолияти самараноки даромади онҳоро таъмин менамояд. Ҳолати бад фаъолият на-

мудани бонк ва зарар дидан, агар ин зарар назарас бошад, саҳомон низ зарари иқтисодии зиёд мебинанд.

Гум кардан ва ё аз даст додани амонат ва депозит боиси зарари зиёди амонатгузорон, кам шудани сармояи субъектҳои хоҷагидорӣ мегардад.

Устувории бонки тиҷоратӣ - қобилияти дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақобати бозори бонкӣ ва иҷрои саривақтаи ӯҳдадориҳои молиявии онҳо зоҳир мегардад.

Барои субъектҳои хоҷагидорӣ, бонкҳо ташкилоте мебошанд, ки онҳо зарурати муваққатии худро барои маблағҳои пулии иловагӣ таъмин менамоянд.

Паст шудани фаъолияти бонкҳо на танҳо боиси кам шудани даромадашон, балки боиси паст шудани қобилияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва истеҳсоли неъматҳои моддӣ мегарданд.

### 3.2 Омилҳои муайянкунандаи устувории бонкҳо

Омил аз калимаи лотинӣ (Factor ) гирифта шуда. сабаб, қувваи ҳаракаткунандаи ҳодиса ва ё хусусияти онҳоро мефаҳмонад.

Одатан, агар сухан дар бораи омилҳои устувории бонки тиҷоратӣ равад, омилҳои беруна ва дохилии онро дар назар доранд.

Ба омилҳои берунае, ки ба фаъолияти бонк таъсир мерасонанд, пеш аз ҳама омилҳои умумииқтисодӣ дохил мешаванд. Сатҳи устувории бонкҳо ва низоми бонкӣ аз сатҳи тараққиёти иқтисоди мамлакат вобастагии зиёд дорад. Омилҳои беруна иборатанд аз: механизми давлатию ҳуқуқӣ; амали қонуниятҳо ва мукаммалии онҳо; сатҳи таъминнокии ҳуқуқию меъёрҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ҳудуди фаълияти бонкҳо муайян карда мешавад.

Омилҳои умумииқтисодӣ на танҳо амалиёти пассивӣ, балки ҷобаҷогузории маблағҳои ҷалбшударо низ танзим менамоянд.

Омилҳои дохилӣ иборатанд аз: иқтидори миқдорӣ ва сифатии бонки тиҷоратӣ; таркиби муштариён; сифати ташкилии дохилибонкӣ.

Ҳолати арзёбии омилҳои дохилии устувории бонк онҳоро ба се гурӯхи асосӣ ҷудо менамоянд:

1. Омилҳои ташкилӣ.
2. Омилҳои технологӣ.
3. Омилҳои иқтисодӣ.

Мутаассифона, ду гурӯҳи аввалаи омилҳо дар адабиёти иқтисодӣ ба таври пурра ҷудо карда нашудаанд. Аммо таҷрибаи кории бонкҳо нишон медиҳад, ки амали онҳо дар самароникии фаъолияти бонкҳо ҷои намоёнро ишғол менамоянд.

Омилҳои гурӯхи аввалаи ташкилӣ , ки ба устувории бонк таъсир мерасонанд аз: ҳолати идоракунии бонк; доштани лаёқат ба навигариҳо, тағйиротҳо ва дигаргунсозиҳо; идора кардан ва тағйирот даровардан дар сохтори бонки тиҷоратӣ иборатанд.

Таҳлили сифати идоракунӣ аз ба дастовардани мақсадҳои дар пеш гузоштаи бонк огоз меёбад. Идоракунии фаъолияти бонк, таъмини самаранокии фаъолият, таъмини талаботи муштариён, таъмини пардохтпазирӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кормандон ва ғайраро дар бар мегирад.

Ба омили дуюми дохилие, ки устувории бонкро таъмин менамоянд , омилҳои технологиро дохил кардан мумкин аст, ки механизми хизматрасониро дар натиҷаи истифодаи технологияи ҳозиразамон осон ва мукаммал мегардонад.

Дар шароити ҳозираи фаъолияти бонкҳо ба гурӯхи омилҳои иқтисодии дохили, ки устувории фаъолияти онҳоро таъмин менамоянд тавачҷӯҳи зиёд дода мешавад. Зеро ин гурӯҳ омилҳо, *кифоягии сармоя, сифати активҳо* ва пассивҳо, даромаднокӣ ва пардохтпазириро дар бар мегиранд.

## 3.3 Кифоягии сармояи бонк

Нишондиҳандаи асосии устувории бонк ин кифоягии сармоя мебошад. Кифоягии сармоя, маъмулан пардохтпазирии бонк, гузаронидани амалиёт новобаста аз шароити номӯътадили иқтисодиёт, раҳой ёфтан аз муфлисшавро таъмин менамояд.

Бонкҳое, ки сармояи кифоя надоранд, ба муфлисшавӣ дучор меоянд. Дар ҳолати нокифоягии сармоя баъзе бонкҳо аз фаъолият мемонанд. Масалан, дар ҷумҳурӣ миқдори бонкҳо дар соли 1998 ба 28 расида буданд. Ҳоло бошад, яъне дар аввали соли 2006 миқдори онҳо кам шуда ба 12 расидаанд.

Кифоягии сармоя ин қобилиятнокии бонк аст, ки зарарҳоро пӯшонида ба муфлисшавӣ дучор намеояд. Аз ин маъно омилҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки ба кадом андоза бонк аз сармоя таъмин аст.

Якум, кифоягии сармоя ба ҳаҷми амалиёти ҷалб кардани маблагҳои муваққатан озодмондаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ вобастагӣ дорад.

Дуюм, ба миқдори хатаре, ки ҳолати гузаронидани амалиёти активӣ бонк ба ӯҳдаи худ мегирад. Сиёсати умумии бонк бояд ба он равона карда шавад, ки дар натиҷаи афзун гардонидани сармояи худ, хатари мӯътадилро бетағйир нигаҳ дорад.

Ҷиҳати муайян намудани кифоягии сармоя, бонкҳо ва идораҳои назоратӣ асосан ду гурӯҳи зарибҳоро (коифитсентҳор) истифода менамоянд:

Гурӯҳи якум бо нисбати сармоя бар ҳаҷми депозитҳо (амонатҳо) асос ёфтааст.

Гурӯҳи дуюм бо нисбати сармоя бар активҳо муайян карда мешавад.

Умуман кифоягии сармояи бонкҳо аз рӯи нишондодҳои зерин баҳо дода мешаванд:

-ҳиссаи воситаҳои хусусӣ дар амалиёти активӣ бо назардошти хатари бонкӣ;

-ҳиссаи сармояи умумӣ дар активҳои фоидаовар;

-дуруст истифода намудани сармоя;

-ҳиссаи маблағҳои ҷалбшуда дар ӯҳдадориҳои бонк ва ғайра.

Ин зарибҳо ва масъалаҳо дар фанни «Фаъолияти бонкӣ» ба таври муфассал омӯхта мешаванд.

### 3.4 Сифати активҳо ва пассивҳо

Ҳолати таҳлили кифоягии сармоя ба таври ҷудогона имкон дорад барои муайян намудани устувории бонк маълумоти дақиқ ба даст наорем. Барои муайян намудани фаъолияти устувори бонкҳо, таҳлили сифати активҳо ва пассивҳо инчунин асоси захиравии онҳо аҳамияти зиёд доранд.

Пайдоиши фоизҳои тағйирёбанда дар таҷрибаи фаъолияти бонкҳои мамлакатҳои мутараққӣ ба он оварда расонд, ки сифати активҳо ва пассивҳо дар як ҷоягӣ таҳлил гарданд. Ин ҳолат масъалаи идора намудани активҳо ва пассивҳоро ба миён овард. То ин давра ҷараёни интихоби активҳо ва идора кардани ӯҳдадориҳо ба таври ҷудогона сурат мегирифт. Дар ин давра депозитҳо (амонатҳо) ҳамчун нишондоди омили таъсири беруна ҳисобида мешуданд. Ин мафҳум ба он асоснок карда мешуд, ки бонкҳо депозитҳоро намехаранд ва танҳо қабул менамоянд. Дар он давра сиёсати идора кардани пассивҳо ба афзоиши онҳо ва интихоби активҳо равона карда шуда буданд. Ҳолати якҷоя идора кардани активҳо ва ӯҳдадориҳо (пассивҳо) дар навбати аввал интихоби таркиби мӯътадили депозитҳо ва ӯхдадориҳо, захираҳо ва сандуқи қарзӣ, идора кардани пардохтпазирӣ гузошта шуданд..

Ҳолати таҳлили активҳо ба амалиёти қарзӣ ва амалиёт бо коғазҳои қиматнок таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад, аз ҷумла: қарзҳои дар мӯҳлати муқарраршуда барнагашта ва сандуқи коғазҳои қиматнок. Аз ҳолати ин ду нишондод омилҳоеро, ки ба сифати активҳо таъсир мерасонанд ба осони муайян кардан мумкин аст.

Якум, ин ба хусусияти сиёсати маблағгузории (инвеститсияи) бонки тиҷоратӣ вобаста мебошад.

Дуюм, ҳолати дуруст ҷобаҷогузории қарзҳо ва маблағгузориҳо.

Сеюм, дуруст ва самаранок идора кардани қарзҳои беэътимод.

Чорум, ҳаҷм ва хусусияти муносибатҳо бо шӯъбаҳо.

Таснифи сандуқи қарзӣ ва дарёфти намудани қарзҳои беэътимод бо муайян кардани хатари бонкӣ аз қарзҳо асос ёфтааст. Дар таҷрибаи кории бонкҳо ба ин ё он гурӯх дохил кардани қарзҳо аз он вобастагӣ дорад, ки муштариёни қарзгиранда ба кадом андоза шартҳои шартномаро риоя менамоянд.

Дар Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳо аз ҷиҳати баргардиданашон ба панҷ гурӯх тақсимбандӣ карда мешаванд: стандартӣ (қолабӣ); ғайристандартӣ (ғайриқолабӣ); шубҳанок; мушкилситон; беэътимод. Бонкҳо бояд аз рӯи қарзҳои додашуда новобаста аз гурӯхи онҳо захира ҷиҳати имкониятҳои зарар аз қарзҳоро ташаккул медиҳанд.

Маъмулан, сифати активҳоро иқтисоддонон бо омилҳои зерин алоқаманд мекунанд:

-сифати сандуқи қарзӣ;

-фоидаоварии активҳо;

-дараҷаи хатари активҳо;

-ҳиссаи қарзҳои мӯҳлати паспардохташон ба таъхирафтода ва ғайра.

# Боби 4. Хатарҳо дар фаъолияти бонкӣ

## 4.1 Намудҳои хатари бонкӣ ва мафҳуми онҳо

Дар иқтисоди бозорӣ, бонкҳо яке аз сохторҳои марказӣ ба шумор меравaнд. Пешрафти фаъолияти бонкҳо шарти асосии ташкили механизми бозор мебошад.

Бонкҳо дар ҷараёни фаъолияти худ вазифаҳои гуногунро иҷро намуда байни худ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаи дуҷониба барқарор менамоянд. Ҳолати гузаронидани амалиёт ба хатарҳо дучор меоянд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ, бонкҳо хатари худро бояд дуруст арзёбӣ намоянд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ истилоҳи «хатар» дар ҳаёти мо ворид мегардад. Ҳар субъекти хоҷагидорӣ дар бозор ба таври худ фаъолият менамояд ва бояд хатари аз фаъолияташ бар меомадаро ба хуби дарк кунад.

Хатар ҳодисаи ба назар намоён набуда аст, ки боиси аз даст додан ва нагирифтани даромади пешбинишуда мегардад. Аз хатар раҳои ёфтан гайриимкон аст. Бояд хатар идора карда шавад.

Ҷараёни фаъолияти бонкҳо хароҷоти муайянеро талаб мекунад. Онҳо аз: пардохти фоизҳо ба амонатгузрон; пардохти фоизи қарзҳои аз дигар бонкҳо гирифташуда; пардохти музду маош ва дигар хароҷот иборатанд.

Дар ҷараёни фаъолият, бонкҳо дар натиҷаи ба даст наовардани даромади пешбинишуда ва ё зиёд шудани хароҷоти амалиётӣ, имкон дорад зарар бинанд. Масалан, тагйирёбии фоизи қарз дар бозор боиси кам шудани даромади фоизӣ, кам шудани захираҳои қарзӣ биси афзоиши фоизи онҳо, баланд кардани музду маош дар дигар бонкҳо боиси баланд кадани музду маош гардида хароҷоти бонкҳои ҷудогонаро зиёд мекунад ва гайра.

Аз ин рӯ, ба ҳаҷми хатаре, ки бонк дар ҷараёни фаъолияташ роҳ медиҳад, ин мавҷуд набудани тадбирҳои зиддихатарӣ дар стратегияи он мебошад.

Бонкҳо дар натиҷаи гузаронидани навъи амалиёт ба хатар дучор мешаванд. Навҳои зерини хатар вуҷуд доранд:

-хатари қарзӣ;

-хатари бозорӣ;

-хатари фоизӣ;

-хатари асъорӣ;

-хатар аз амалиёти байнидавлатӣ;

-хатари ба таъхир афтодани пардохтҳо;

-хатар аз махфи доштани маълумотҳо.

**Хатари қарзӣ** хатарест, ки дар натиҷаи дар вақти муқарраршуда барнагардонидани қарзҳои гирифташуда ба вуҷуд меояд.

**Хатари бозорӣ.** Эҳтимолияти пайдоиши ин хатар дар натиҷаи баъзе ҳодисаҳо ба амал омаданаш мумкин аст. Масалан, тағйирёбии фоизи сармоя, фоиданокӣ, паст шудани қобилияти харидории пули миллӣ (таваррум) ва ғайра.

**Хатари фоизӣ** ба тағйирёбии сатҳи фоиз вобаста аст. Ин хатар барои бонк дар ҳолати афзоиши фоизи бозорӣ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, зеро дар ин ҳолат бонк маҷбур мешавад, ки аз рӯи амонату депозитҳо фоизи зиёд бидиҳад. Ин вазъият ба маблағи фоидаи бонки тиҷоратӣ таъсир мерасонад.

**Хатари асъорӣ** ба қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ вобаста аст. Ба ин шакли хатар, бонк дар ҳолатҳое дучор мегардад, ки амалиёти гуногун бо асъори хориҷӣ мегузаронад. Масалан, хариду фурӯши асъор ва қарзи хориҷӣ, аз ҳисоби захираҳои худ додани қарз бо асъори хориҷӣ ва ғайра.

**Хатар аз амалиёти байнидавлатӣ** дар натиҷаи тағйрёбии вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат ба миён меояд. Ҳолати ба вуҷуд омадани ин тағйирот имкон дорад инвесторон қисман ё ҳамаи маблағҳояшонро аз даст диҳанд.

**Хатар аз батаъхир афтодани пардохтҳо** дар ҳолатҳое ба миён меоянд, ки агар харидорон маблағи пулиро дар вақти муқарраршуда пардохта натавонанд. Ин вазъият боиси суст шудани пардохтпазирии бонк низ мегардад.

**Хатар аз махфи нигаҳ доштани маълумотҳо.** Ин хатар дар ҳолате ба миён омаданаш мумкин аст, ки бонк дар бораи фаъолияташ тамоми маълумотҳоро махфӣ нигаҳ медорад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки барои идораҳои танзимкунанда ба даст овардан ва таҳлили фаъолияти бонк мушкил мегардад ва онҳо ба фаъолияти бонк баҳо дода наметавонанд. Илова бар ин, дастрас шудани маълумот аз фаъолияти бонкӣ, ба олимони ин соҳа шароит муҳаё мекард, ки фаъолияти бонкро таҳлил намуда, ҷиҳати беҳтар шудани фаъолияти он маслиҳатҳои мусоид медоданд.

Бонкҳо бояд ба таври мунтазам ҳисоботи аз ҷониби аудиторон тафтишшударо дар ахбори умум нашр кунанд ба истиснои амалиёте, ки махфӣ мебошанд.

Таҷрибаи назорати бонкӣ нишон медиҳад, ки Раёсати бонки тиҷоратӣ на ҳама вақт ба фаъолияти бонки худ баҳо дода, камбудиҳои ҷойдоштаро дарёфт ва ошкор мекунанд. Ин амал онро намефаҳмонад, ки Раёсати бонки тиҷоратӣ норасоиҳоро намедонад, балки барои он ошкор намекунад, ки эҳтимолияти қисман ё тамоман гирифтани амонатҳою пасандозҳо аз ҷониби соҳибонашон ба миён меояд.

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ на танҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷамоҳири муштаракулманофеъ, ҷиҳати зиёд намудани фоидаи худ бонкҳо ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Илова бар ин қарзҳо асосан аз ҳисоби маблағҳои ҷалбшуда дода мешавад, зеро бонкҳо рӯз аз рӯз маблағҳои ҷалбшударо зиёд мекунанд. Тавре зикр гардид, бонкҳо аз амалиёташон зиён низ мебинанд. Дар ин ҳолат барқарор кардани зиён аз ҳисоби маблағҳои хусусии бонкҳо онҳоро заиф мегардонад. Би-

нобар ин, ҷиҳати кам кардани хатар бонкҳо тадбирҳои заруриро меандешанд.

### 4.2 Ташкили идора намудани хатарҳо

Вазифаи асосии танзим ва идора кардани хатарҳо ин риоя намудани таносуби фоида ва нишондиҳандаи бехатарии пардохтпазирӣ мебошад. Ин масъала дар ҷараёни идора намудани амалиёти активӣ ва пассивӣ ба даст меояд, яъне кам кардани зарари бонкӣ.

Идораи самараноки сатҳи хатар бояд чанд муаммоҳоро аз омӯхтани хатар то муайян намудани маблаги онро дар бар бигирад. Сатҳи хатар бо ин ё он ҳодисаҳое, ки дар атрофи бонкҳо мебошанд ва доимо тағйир меёбанд вобастагии зиёд дорад. Ин ҳолат бонкро водор менамояд, ки доимо мавқеи худро дар бозори бонкӣ муайян намуда, хатарҳоро арзёбӣ ва муносибати худро бо муштариён беҳтар кунад, инчунин сиёсати худро дар идора кардани хатар такмил диҳад.

Раёсати банк, бояд ҳама вақт дар фикри кам кардани хатар бошад. Ин барои фаъолияти устуворӣ на танҳо бонки ҷудогона, балки барои пешрафти низоми бонкӣ алоқаманд аст.

Кам кардани хатар ин мубориза ҷиҳати сарфакорӣ ва кам кардани зиёни бонк аст, ба ибораи дигар, ин идора кардани хатари бонкӣ аст. Ин ҷараёни идора кардани хатар: пешгӯии хатарҳо, муайян намудани ҳаҷм ва оқибати онҳо, инчунин тартибдодани тадбирҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳоро дар бар мегирад. Ин амалҳо ҳар бонкро водор мекунад, ки стратегияи идора кардани хатарҳоро тартиб диҳад. Ҳамин тавр ҳар бонк бояд, имкониятиҳои тавсиаи фаъолияти худ, нигаҳ доштани сатҳи хатар дар ҳолати мӯътадил ва беҳтар идора кардани онҳоро дар стратегияи худ пешбинӣ намояд.

Мақсад ва вазифаи идора кардани хатари бонкӣ аз ҳолати иқтисодии кишвар ва тағйиротҳои дар бозор

Дар вақти арзёби намудани хатар ҳатман ба рақобат тоб наовардани онҳо; эҳтимолияти заиф шудани ҳолати молиявии муштариёни қарзгирифтагон; эхтимолияти гирифтани қисми ё ҳамаи депозитҳо; тағйирёбии қурби пул ва ғайра мадди назар гирифта мешавад. Дар таҷриба ҳамаи хатарҳоро дарёфт ва арзёби кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, арзёбии хатар тахминӣ аст. Аммо ин бояд ба стратегияи идора кардани хатарҳо таъсир нарасонад.

Тартиб додани стратегияи хатар чанд давраро дар бар мегирад:

-дарёфт намудани омилҳое, ки боиси зиёд ё кам шудани хатар мегарданд;

-таҳлили ин омилҳо ҷиҳати таъсир расонидан ба онҳо;

-арзёбии намуди мушаххаси хатар ва муайян намудани сатҳи хатари мӯътадил;

-тартиб додани тадбирҳо оид ба кам кардани хатар;

ташаккул додани захираҳои пулӣ, ҷиҳати пӯшонидани зарар ва гайра.

Ҳамаи омилҳое, ки ба хатари бонкӣ таъсир мерасонанд ба таври амиқ омӯхта мешаванд. Қабл аз ҳама ҳамон хатарҳое таҳлил карда мешаванд, ки дар ҳамин давра ба хатари бонкӣ зиёдтар таъсир мерасонад.

Ҳолати таҳлили шакли хатар усулҳои муайян намудани эҳтимолияти ба миён омадани хатар истифода карда мешавад. Дар ҷараёни таҳлил, бонки тиҷоратӣ метавонад усулҳои зеринро истифода барад:

-усули оморӣ;

-усули экспертӣ;

-усули аналитикӣ.

Моҳияти истифодабарии усули оморӣ дар он аст, ки барои ҳисоб намудани эҳтимолияти ба миён омадани хатар, ҳамаи маълумотҳои стратегии бонки тиҷоратиро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Усули экспертӣ аз усули оморӣ бо усули ҷамъоварии маълумот фарқ мекунад. Вақти истифодаи ин усул ба миён омадани эҳтимолияти хатар аз ҷониби мутахассиси мала-

каи баланд ва таҷрибаи зиёд доштаи бонки тиҷоратӣ сурат мегирад. Таҳлили экспертӣ дар асоси баҳисобгирии ҳамаи омилҳо ва маълумоти оморӣ гузаронида мешавад.

Усули аналитикӣ аз ҷониби бонкҳо дар таҷрибаи корӣ кам истифода мегардад, зеро ин усул донистани риёзиро талаб менамояд.

Маъмулан усулҳои номбурда дар дарёфт намудани хатари бонкӣ яксон набуда, балки гуногунанд, вале ҷиҳати дарёт намудани эҳтимолияти хатар аз амалиёти бонкӣ кӯмак мерасонанд.

### 4.4 Муайян намудани сатҳи мӯътадили хатар

Кормандони (мутахассисони) бонки тиҷоратӣ, баъд аз муайян намудани сатҳи хатар, таҳлили омилҳоро ҷиҳати дарёфт намудани хатар аз амалиёти мушаххас, аз нуқтаи назари дарёфти хатари мӯътадил равона мекунанд.

Ҳолати гузаронидани амалиёт донистани он, ки эҳтимолияти зарар ба маблаги 1000 сомонӣ 0,05 маротиба яъне аз 100 амалиёт дар 5 ҳолат нокифоя аст. Муҳимаш он аст, ки маблаги зарар муайян карда шавад ва ҳеҷ вақт ин аз хатарй мӯътадил зиёд нашавад. Бинобар он, ки бонки тиҷоратӣ дар шароити рақобати зиёд фаъолият менамояд, ба даст овардани муваффақиятҳои онро бо се омили асосӣ муайян кардан имконпазир аст:

1. Гузаронидани амалиёти самараноки мушаххас.
2. Ҳаҷми ин амалиёт.
3. Сатҳи хатаре, ки бонки тиҷоратӣ дар ҳолати гузаронидани ин амалиёт ба зимаи худ мегирад.

Маъмулан, бонки тиҷоратӣ ҷиҳати гузаронидани амалиёти пурсамар таваҷҷӯҳ менамояд, аммо ин таваҷҷӯҳ боиси афзоиши хатар шуданаш аз эҳтимолият дур нест.Аз ин рӯ ба хулоса омадан мумкин аст, ки болоравии самаранокии амалиёт, дар ҳолати зиёд будани хатар ба фаъолияти бонки тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонад.

Бонки тиҷоратӣ бояд таносуби ин омилҳоро дар назар гирифта ин ё он амалро содир намояд ва сатҳи мӯътадили хатаррро нигаҳ дорад.

Сатҳи хатари мӯътадил ин мафҳуми нисби аст, зеро онро дар натиҷаи арзёбии тахминии мутахассисони бонк муайян карда мешавад.

Ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки таҳлили амалиёти бонкӣ ҷиҳати муайян кардани сатҳи хатар мусоидат мекунад.

# Боби 5. Таҳлили хатари қарзӣ

## 5.1 Омӯхтани амалиёти ҷудогонаи бонк

Омӯхтани амали ҷудогонаи бонки тиҷоратӣ ба мақсади самаранок гузаронидани ин ё он амалиёт тибқи талаботи стратегияи тартибдодашуда ва риояи хатари мӯътадил равона карда мешавад.

Барои таҳлили амалиёти бонки тиҷоратӣ ҷиҳати дарёфт намудани хатари мӯътадил ва қабули қарор вақти зиёд зарур аст, аммо баъзе амалиёт талаб менамояд, ки чораи фаврӣ дида хатари ба миён омадаро бартараф намояд. Бинобар ин, интихоби дурусти амалиёти бонкӣ ҷиҳати омӯхтани хатар муҳим аст.

Таҳлили амалиёти бонкӣ маъмулан бо истифодаи усулҳои оморӣ ва арзёбии (экспертӣ) мутахассис сурат мегирад.

Усули оморӣ таҳлили амалиёте, ки миқдори ин ҳодисаҳо ба миён омадаанд ва бонки тиҷоратӣ ба кадом андоза зарар дидааст истифода мегардад. Дар асоси таҳлили оморӣ сатҳи зарар муайян карда шуда тадбирҳоеро пеш мегирад, ки сатҳ ва маблаги хатарро кам кунанд.

Агар дар натиҷаи таҳлили оморӣ муайян гардад, ки дар ин ё он амал хатар зиёд шудааст, дар оянда бонки тиҷоратӣ ин гуна амалро нагузаронад.

Арзёбии мутахассисон бо истифодаи дурусти усули оморӣ, ба малакаи дониши онҳо вобастагӣ додрад ва имкон медиҳад, ки натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шавад. Илова бар ин, дар натиҷаи арзёбии мутахассисон (арзёбии экспертӣ) на танҳо хатар аз амалиёти бо усули оморӣ интихоб гардида, балки хатаре, ки аз амалиёти ба тозагӣ гузаронидашуда дарёфт карда мешавад.

Давраи асосии таҳлили амалиёти бонкӣ ин муайян намудани баргаштани қарзҳо дар вақти муқарраршуда ва дарёфти қарзҳои мушкилситон ба шумор меравад.

Ҳолати дарёфти қарзҳои мушкилситон, бонк бояд муносибати худро бо ин тариқ муштарӣ қатъ намояд. Чанд роҳи қатъ намудани муносибати бонки тиҷоратӣ бо муштарӣ вуҷуд дорад: бонки тиҷоратӣ метавонад гаравро фурӯхта қарз ва фоизи онро баргардонад; тамдиди (дароз) мӯҳлати баргардонидани қарз (агар муштарии қарздор чораҳои заруриро ҷиҳати беҳ намудани вазъи молиявиаш тартиб дода, сарчашмаи баргардонидани қарзро нишон диҳад) ва гайра. Аммо барои давом додани муносибат, бонки тиҷоратӣ дар бораи ҳолати молиявӣ ва самаранокии идора кардани муштарӣ маълумотҳои зарурӣ ҷамъ намояд, яъне:

-ҳисоботҳои молиявии муштариро арзёбӣ намояд;

-оид ба навъҳои маҳсулот маълумот талаб намуда бозоргирии онҳоро муайян намояд;

-оид ба хароҷоти дар пешистодаи муштарӣ маълумот талаб намуда ҷиҳати кам кардани баъзе хароҷот пешниҳод омода намуда, қабул ва истифодаи ин пешниҳодро талаб намояд;

аз рӯи амалиёти муштарии қарздор назорати доимӣ барад ва ғайра;

Баъди омӯхтани ин маълумотҳо бонки тиҷоратӣ ба хулоса меояд, ки муносибати қарзиашро бо ин муштари давом диҳад ва ё қатъ намояд.

Дар баъзе ҳолатҳо бонки тиҷоратӣ метавонад аз муштарии карздор талаб намояд, ки тардбирҳои заруриро пеш гирифта ба бонки тиҷоратӣ роҳҳои аз бӯҳрон раҳои ёфтанро пешниҳод намояд. Ҳолати таҳлил ва арзёбӣ намудани тадбирҳо барои аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадани муштарӣ, бонки тичоратӣ ба он аҳамият диҳад, ки:

-оё бизнес -план мантиқан дуруст тартиб дода шуда ва ба корманди оддӣ фаҳмо аст ё не?. Самти истифодаи он дуруст аст ё не?;

-нақшаи аз ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ баромадан иҷрошаванда аст ё не?. Оё нақшаи амал бо назардошти захираҳои мавҷуда тартиб дода шудааст ва шахсони

мутасаддӣ барои иҷрои ин нақша муайян ва мӯҳлати иҷрои он муқаррар шудааст ё не?

-нақшаи тартибдодашуда вазъияти молиявии корхонаро шарҳ дода метавонад ё не?.

Нақшаи даромад, хароҷот ва ҳаракати сармоя аз ҷониби муштарӣ омода намуда ва ба бонки тиҷоратӣ пешниҳод мегардад. Агар ин нақша аз нуқтаи назари истифодаи захираҳои бонки тиҷоратӣ бо назардошти хатар, бонки тиҷоратиро қонеъ нагардонад он дар ин ҳолат:

-маротибаи омода намудан ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро зиёд кунад, яъне дар ҳар даҳ рӯз ва охири моҳ;

-муҳосибонро (бухгалтерҳоро) иваз намояд ва барои назорати самаранок ва беҳтар шудани ҳисоботи молиявӣ маслиҳатчиёни пуртаҷрибаро ҷалб намояд;

-имкон дорад мутахассисони болаёқати ҳамин соҳаро ҷиҳати ташхис (экхпертиза) истифода барад;

-муайян намояд, ки роҳбарияти корхона лаёқати ин тадбирҳоро дар амал ҷорӣ кардан доранд ё не?, Баъд аз муайян кардани лаёқатмандии роҳбарон бовар ҳосил намояд, ки роҳбарон ва мутахассисон ҷиҳати идора кардани корхона сидқан фаъолият менамоянд.

## 5.2 Усулҳои муайян намудани қобилияти қарзадокунии муштарии қарзгирандаи бузург

Муайян намудани қобилияти қарзадокунии муштарӣ дар таҷрибаи бонкҳои ҷаҳонӣ омили асосӣ, ҷиҳати додани қарз ба шумор меравад. Дар баробари инкишофи муносибатҳои бозорӣ, бонкҳо пеш аз додани қарз фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии муштариро ҳаматарафа месанҷанд ва баъд аз итминон ҳосил намудани он, ки муштарӣ қарзи гирифтаашро баргардонида метавонад, қарз медиҳанд. Усулҳое, ки бонкҳо бо ёрии онҳо пардохтпазирии муштариёнро меомӯзанд гуногунанд ва дар мамлакатҳое, ки иқтисоди бозории пешрафта доранд, чунин зарибҳоро (коэффитсиентҳоро) истифода мекунанд:

Ҳолати дарёфти қарзҳои мушкилситон, бонк бояд муносибати худро бо ин тариқ муштарӣ қатъ намояд. Чанд роҳи қатъ намудани муносибати бонки тиҷоратӣ бо муштарӣ вуҷуд дорад: бонки тиҷоратӣ метавонад гаравро фурӯхта қарз ва фоизи онро баргардонад; тамдиди (дароз) мӯҳлати баргардонидани қарз (агар муштарии қарздор чораҳои заруриро ҷиҳати беҳ намудани вазъи молиявиаш тартиб дода, сарчашмаи баргардонидани қарзро нишон диҳад) ва ғайра. Аммо барои давом додани муносибат, бонки тиҷоратӣ дар бораи ҳолати молиявӣ ва самаранокии идора кардани муштарӣ маълумотҳои зарурӣ ҷамъ намояд, яъне:

-ҳисоботҳои молиявии муштариро арзёбӣ намояд;

-оид ба навъҳои маҳсулот маълумот талаб намуда бозоргирии онҳоро муайян намояд;

-оид ба хароҷоти дар пешистодаи муштарӣ маълумот талаб намуда ҷиҳати кам кардани баъзе хароҷот пешниҳод омода намуда, қабул ва истифодаи ин пешниҳодро талаб намояд;

аз рӯи амалиёти муштарии қарздор назорати доимӣ барад ва ғайра;

Баъди омӯхтани ин маълумотҳо бонки тиҷоратӣ ба хулоса меояд, ки муносибати қарзиашро бо ин муштари давом диҳад ва ё қатъ намояд.

Дар баъзе ҳолатҳо бонки тиҷоратӣ метавонад аз муштарии қарздор талаб намояд, ки тардбирҳои заруриро пеш гирифта ба бонки тиҷоратӣ роҳҳои аз бӯҳрон раҳои ёфтанро пешниҳод намояд. Ҳолати таҳлил ва арзёбӣ намудани тадбирҳо барои аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадани муштарӣ, бонки тичоратӣ ба он аҳамият диҳад, ки:

-оё бизнес -план мантиқан дуруст тартиб дода шуда ва ба корманди оддӣ фаҳмо аст ё не?. Самти истифодаи он дуруст аст ё не?;

-нақшаи аз ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ баромадан иҷрошаванда аст ё не?. Оё нақшаи амал бо назардошти захираҳои мавҷуда тартиб дода шудааст ва шахсони

мутасаддӣ барои иҷрои ин нақша муайян ва мӯҳлати иҷрои он муқаррар шудааст ё не?

-нақшаи тартибдодашуда вазъияти молиявии корхонаро шарҳ дода метавонад ё не?.

Нақшаи даромад, хароҷот ва ҳаракати сармоя аз ҷониби муштарӣ омода намуда ва ба бонки тиҷоратӣ пешниҳод мегардад. Агар ин нақша аз нуқтаи назари истифодаи захираҳои бонки тиҷоратӣ бо назардошти хатар, бонки тиҷоратиро қонеъ нагардонад он дар ин ҳолат:

-маротибаи омода намудан ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро зиёд кунад, яъне дар ҳар даҳ рӯз ва охири моҳ;

-муҳосибонро (бухгалтерҳоро) иваз намояд ва барои назорати самаранок ва беҳтар шудани ҳисоботи молиявӣ маслиҳатчиёни пуртаҷрибаро ҷалб намояд;

-имкон дорад мутахассисони болаёқати ҳамин соҳаро ҷиҳати ташхис (экхпертиза) истифода барад;

-муайян намояд, ки роҳбарияти корхона лаёқати ин тадбирҳоро дар амал ҷорӣ кардан доранд ё не?, Баъд аз муайян кардани лаёқатмандии роҳбарон бовар ҳосил намояд, ки роҳбарон ва мутахассисон ҷиҳати идора кардани корхона сидқан фаъолият менамоянд.

## 5.2 Усулҳои муайян намудани қобилияти қарзадокунии муштарии қарзгирандаи бузург

Муайян намудани қобилияти қарзадокунии муштарӣ дар таҷрибаи бонкҳои ҷаҳонӣ омили асосӣ, ҷиҳати додани қарз ба шумор меравад. Дар баробари инкишофи муносибатҳои бозорӣ, бонкҳо пеш аз додани қарз фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии муштариро ҳаматарафа месанҷанд ва баъд аз итминон ҳосил намудани он, ки муштарӣ қарзи гирифтаашро баргардонида метавонад, қарз медиҳанд. Усулҳое, ки бонкҳо бо ёрии онҳо пардохтпазирии муштариёнро меомӯзанд гуногунанд ва дар мамлакатҳое, ки иқтисоди бозории пешрафта доранд, чунин зарибҳоро (коэффитсиентҳоро) истифода мекунанд:

1.Зарибҳои (коэффитсиентҳои) пардохтпазирӣ нишон медиҳанд, ки корхона қобилияти ба ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддаташ ҷавоб доданро дорад ё не ва ба воситаи формулаҳои зерин муайян карда мешаванд:

а) зариби пардохтпазирии ҷорӣ бо %,

$$\frac{\text{активҳои ҷорӣ}}{\text{ӯҳдадориҳои ҷорӣ}}$$

б) зариби пардохтпазирии мутлақ бо %, $\frac{МН+ККЗ+КД}{ӮҶ}$,

ки дар ин ҷо:

МН – маблаги нақдӣ;

ККЗ – коғазҳои қиматноки зудфурӯш;

КД – қарзҳои дебиторӣ;

ӮҶ – ӯҳдадориҳои ҷорӣ.

2. Зариби самаранокӣ (идоракунии активҳо)

а) $ГКДр = \frac{Кд}{Ф} \times 360$, ки дар ин ҷо:

ГКДр – гардиши қарзҳои дебиторӣ ба рӯзҳо;

КД – қарзҳои дебиторӣ;

Ф – маҷмӯи фурӯш.

б) $ГМР = \frac{ЗМ}{НМФ} \times 360$, ки дар ин ҷо:

ГМР – гардиши захираи мол ва ашё;

ЗМ – захираи молу ашё;

НМФ- нархи молҳои фурӯхташуда.

3. Зариби фоиданокӣ:

а) фоидаи умумӣ= ДФМ - Х, ки дар ин ҷо:

ДМФ- даромад аз фурӯши маҳсулот (адои хизмат);

Х- хароҷот;

б) ҳиссаи фоида нисбат ба активҳо $= \frac{Мф}{Ма}$, ки дар ин ҷо:

Мф- маблаги фоида;

Ма – маблаги активҳо.

в) ҳиссаи фоида аз сармояи соф= нисбати фоидаи соф бар сармояи соф.

4. Зарибҳои бозаргонӣ:

$$\text{а) фоида аз саҳмия} = \frac{Фс}{Мс}, \text{ ки дар ин ҷо:}$$

Фс- фоидаи соф, ки чун дивиденд дода мешавад;

Мс- миқдори миёнаи саҳмияҳои оддӣ.

$$\text{б) даромади дивиденд ба \%} = \frac{Дсс}{Нбс}, \text{ ки дар ин ҷо:}$$

Дсс –дивиденди солонаи як саҳмия;

Нбс –нархи миёнаи бозории як саҳмия.

Бонк вақти муайян намудани шароити додани қарз метавонад дигар зарибҳоро низ истифода барад.

Фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ бонкро водор мекунад, ки ҳаҷми воситаҳои гардони ба зудӣ ба пул ивазшавандаро муайян намояд. Дар мамлакатҳои мутараққӣ ба воситаҳои гардони зудфурӯш асосан воситаҳои пулӣ ва дебиторонро дохил мекунанд, Аммо он усули ташкили воситаҳои гардон, ки дар мо қабул шудааст масъала мегузорад, ки ба воситаҳои гардони зуд ба пул ивазшаванда як қисми дигари ин воситаҳои корхонаро низ ҳамроҳ намоем. Бо назардошти гуфтаҳои боло воситаҳои гардони корхонаи имрӯзаро аз рӯи бозоргирӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Маблағҳои пулӣ касса (хазина), маблағҳои пулии дар суратҳисоб ва ҳисобҳои дигари дар бонк мавҷудбуда, векселҳо).

2. Талаботҳои зуд ба пул табдилшаванда (қарзҳои дебиторӣ; молҳои ба харидорон фиристодашуда, ки мӯҳлати пардохташон нарасидааст; кӯмакҳои молиявӣ ба дигар корхонаҳои ҳамин вазорат ё иттиҳодия).

3. Ба зудӣ ба пул табдил шудани захираҳои молу ашё.

Илова бар ин, зикр кардан зарур аст, ки дар баъзе мамлакатҳо дар рафти омӯхтани фаъолияти молиявию иқтисодии муштариён онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ҳар яки онҳоро ҷудогона омӯхта, баъдан масъалаи додан ё надодани қарзро баррасӣ менамоянд.

## 5.3 Арзёбӣ намудани қобилияти қарзадокунии корхонаҳои хурд

Қарзадокунии корхонаҳои хурдро низ монанди корхонаҳои бузург дар асоси зарибҳои молиявӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Аммо истифодаи зарибҳои молиявӣ дар ҷараёни муайян намудани қарзадокунии корхонаи хурд, бонк ба мушкилиҳо дучор омаданаш мумкин аст, зеро ҳолати муҳосиба ва ҳисоботҳои молиявии корхонаи хурд шароити заруриро муҳаё наменамояд. Дар аксарияти корхонаҳои хурд муҳосибони касбӣ кору фаъолият наменамоянд. Илова бар ин хароҷоти ин корхонаҳо ҷиҳати гузаронидани аудит барои бонк дастрас нестанд. Бинобар ҳамин, ҳисоботи аз ҷониби аудиторҳо тасдиқшуда вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, арзёби намудани қарзадокунии корхонаи хурд на аз рӯи ҳисоботи молиявӣ, балки дар асоси донистани корманди бонк оид ба фаъолияти корхона ва самти соҳибкории он асос меёбад. Барои беҳтар арзёбӣ намудани фаъолияти корхонаи хурд, корманди бонк бояд бо он алоқаи зич дошта, маълумотҳои зарурӣ ҷамъоварӣ намояд.

Корманди бонк, ҳолати гуфтугӯ бо роҳбари корхонаи хурд мақсади дархости қарз, сарчашма ва мӯҳлати баргардонидани қарзро муайян менамояд. Муштарӣ бояд тасдиқ кунад, ки захираҳои молие, ки аз рӯи онҳо қарз мегирад дар вақтҳои кӯтоҳ кам шуда ба арзиши аслии маҳсулоти тайёр гузаронида мешавад. Фаъолияти корхонаро корманди бонки тиҷоратӣ дар ҷои воқеъи он рафта диданаш зарур аст. Зеро ба ҷои мавқеъи (маҳали) корхона рафтан шароит медиҳад, ки аз ҳолати молиявии он хабар-

дор шуда дар мӯҳлати муқарраршуда бозпардохти қарзро муайян намояд. Қарз дар асоси гарави моликияти корхонаи хурд дода мешавад.

Ҳолатҳое шуданаш мумкин аст, ки кормандони корхонаи хурд аъзои як оила ва ё хешутаборанд. Дар ин ҳолатҳо арзёбӣ намудани ҳолати қарзадокунии корхона дар асоси ҳисоботи молиявии шахсан роҳбари корхона сурат мегирад. Шакли ҳисоботи шахсии роҳбари корхонаи хурд дорои маълумот оид ба активҳо ва пассивҳо мебошад.

Активҳо иборатанд аз: пулҳои накд, коғазҳои қиматнок (аксия), қарзҳои дебитории хешовандон ва шахсони дигар. Ба пассиви ҳисобот инҳо дохил мешаванд: қарзи бонкҳо ва хешовандон, шахсони дигар, андозҳои пардохтнашуда, арзиши моликияти багарвмонда ва дигар ӯҳдадориҳо. Ҷиҳати таҳлили амиқ феҳристи баъзе намудҳои активҳо ва пассивҳо пешниҳод карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз ҷониби бонк арзёбӣ намудани ҳолати қарзадокунии корхонаи хурд ҷузъҳои зеринанд:

1. Арзёбии хатари фаъолияти корхона.
2. Назорати корхона.
3. Мусоҳбаи шахсии корманди бонк бо роҳбари корхона.
4. Баҳо додан ба вазъияти молиявии корхона.

**5.4 Арзёби намудани қобилияти қарзадокунии шахсони воқеӣ**

Арзёби намудани ҳолати қарзадокунии шахсони воқеӣ бо омӯхтани сабаби гирифтани қарз ва даромади шахсии он, арзёбии умумии ҳолати молиявӣ ва моликияти он, таърихи фаъолияти он сурат мегирад.

Тибқи амали бонкҳои мамолики мутараққӣ, қарз ба шахсони воқеӣ аз рӯи барномаи муайян дода мешавад. Барнома дорои қисмҳои зерин аст:

-ахбор оид ба қарзҳо;

-муштарӣ ва ҳолати молиявии он.

Дар қисми аввал корманди бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, ки додани қарзро муайян менамояд, маълумот дар бораи шахсияти муштарии қарзгиранда, шакл ва маблаги қарз, мӯҳлатҳои баргардонидани қарзҳои гирифтааш, фоизи қарз, таърихи баргардонидани қарз, яъне рӯз ва моҳе, ки муштарӣ баргардонидани қарзро ба ӯҳда мегирад, маблағи қарзе, ки ҳар моҳ бармегардонад, маълумот омода менамояд.

Дар қисми дуюми барнома маълумот оид ба ихтисоси муштарӣ, музду маоши софи солона, хароҷоти он дар давоми сол, стажи кории он дохил карда мешавад.

Қисми сеюми барнома, маълумот оид ба бақияи пулии ҳисоби ҷорӣ ва ё пасандоз, таносуби даромад ва хароҷоти онро дар бар мегирад.

Баъд аз омӯхтани ин маълумотҳо корманди бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии гайрибонкӣ, додан ва ё надодани қарзро муайян менамояд.

Дар шароити кунунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарз ба шахсони воқеӣ аз ҷониби ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дода мешавад, ба гарави қарз молу мулк ва ё чизи дигари қиматнок гирифта мешавад. Ҳолати додани қарз бонк бо муштарӣ шартномаи қарзӣ мебандад , ки дар он шартҳои додан ва баргардонидан, маблағи қарз, фоизи он ва мӯҳлати баргардонидани қарз муайян карда мешавад.Дар шартнома сурогаи муштарӣ ва бонк низ нишон дода мешавад. Ҳамчунин ӯҳдадориҳо ва ҷавобгариҳои ҳарду тараф низ дар ин шартнома дарҷ мегарданд. Ҳамзамон, молу мулки ба гарав монда мешавад, шартномаи гарав тартиб дода ба имзо расонида шуда бо мӯҳр тасдиқ меғардад. Дар вақти ба гарав мондани моли қиматнок бонк бояд итминон ҳосил намояд, ки чизи ба гаравмонда моли худи қарзгиранда аст. Бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ метавонад баргардонидани қарзро қисм-қисм қабул намояд, вале чизи ба гаравмондаро қисм-қисм ба қарзгиранда барнамегардонад.

Дар ҳолати аз ҷониби қарзгиранда барнагардонидани қарз, бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ҳуқуқ дорад гаравро бифурӯшад ва аз маблағҳои бадастомада қарз ва фоизи онро барқарор кунад.

# Боби 6.Таҳлили хатар дар бозори молиявӣ

## 6.1 Проблемаҳои маблағгузории фаъолияти бонкӣ

Бонкҳо фаъолияти худро аз якчанд сарчашмаҳо маблағгузори мекунанд:

1. Сармоя (саҳмияҳо, маблагҳои ҷалбшудаи дарозмуддат).

2. Депозит ва амонатҳо ( суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷории иттиҳодияҳо; ташкилотҳо ва фирмаҳо; ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатҳои шахсони воқеӣ).

3. Маблағҳои бозори сармоя (қарзи бозори байнибонкӣ, амонатҳои нисбатан бузурги мӯҳлатнок).

4. Қарзи Бонки миллии Тоҷикистон.

Фаъолияти бонкҳо ба таъсири омилҳои беруна вобастагии зиёд доранд ва ин вобастагӣ дар гирифтани қарз аз бозори қарзӣ, ҷалби амонату депозитҳо ва додани онҳо ба қарз, инчунин харидани когазҳои қиматнок баён мегардад. Зарурати бонки тиҷоратиро ба маблағгузорӣ аз чанд ҷанба дидан мумкин аст. Аз он ҷумла:

1. **Таркиби сармоя.** Бонкҳое, ки сармояи кофӣ надоранд, бояд аз бозори қарзии байнибонкӣ ва гирифтани қарз аз Бонки миллии Тоҷикистон худдорӣ намоянд. Барои онҳо хубтар аст ба ҷалби пасандозу амонатҳо зиёдтар машғул шаванд.

2. **Хатарҳое, ки ба сандуқи қарзӣ дахл доранд.** Агар хатарҳо ба сандуқи қарзҳои додашуда алоқаманд бошанд, бонкҳо аз бозори қарзии яклухт кам истифода бурда аз бозори қарзҳои чакана (амонату депозитҳо) такя намоянд. Агар пайдо шудани мушкилот дар иқтисодиёт бонкҳоро ҷиҳати гирифтани қарзҳои зиёд аз бозори қарзии яклухт водор намояд, бонк ба мушкилоте дучор мегардад, то ба муфлисшавии он оварда мерасонад.

3. **Ҷобаҷогузории сандуки қарзӣ.** Қарзҳое, ки ба корхонаю ташкилотҳои соҳаҳои ҷудогона дода шудааст, нис-

бат ба қарзҳои ба корхонаю ташкилотҳои як соҳа додашуда хатари камтар доранд.

Беҳтар аст, ки аз рӯи усули «Нигаҳ доштани сад дона тухм дар сад сабат бехатартар аст, нисбат ба он, ки сад тухмро дар як сабат нигаҳ дорӣ» амал намояд. Ҳолати хуб ҷобаҷо кардани сандуқи қарзӣ, эҳтимолияти баргаштани онҳо зиёдтар буда ҳатари қарзӣ кам мешавад.

**4. Қарзҳои Бонки миллии Тоҷикистон.** Дар баъзе ҳолатҳо зарурат ба қарзҳои мавсимӣ пайдо мегардад. Масалан, соҳаи кишоварзӣ, ки хароҷоти ин соҳа дар давраи кишту кор, корхонаҳои коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, дар давраи ҷамъоварии ҳосил ва ғайра. Дар ин давраҳо, бонкҳое, ки ба соҳаи хоҷагии қишлоқ хизмат мерасонанд, ба захираҳои қарзӣ зарурат пайдо мекунанд. Ин захираҳои қарзиро аз бозори байнибонкии қарз ё аз Бонки миллии Тоҷикистон дастрас карда метавонанд. Дар ин вазъият, бонки тиҷоратӣ бояд ба қарор биёяд, ки ба кадом андоза аз ин бозори қарз истифода барад.

## 6.2 Идора кардани хатари активҳо ва ӯҳдадориҳои бонк

Масъалаҳои асосӣ дар идора кардани амалиёти активӣ ва ӯҳдадориҳои (пассивҳои) бонк, ки дар фаъолияти бонкии мамлакатҳои Ғарб зиёд истифода мегарданд, пеш аз ҳама, ба кам кардани сатҳи хатари бонкӣ аз амалиёти онро дар бар мегиранд.

Пеш аз ҳама, фаъолияти бонк бояд барои зиёд намудани фоидаи саҳмдорон равона гардад. Афзоиши фоида аз самаранок истифода кардани активҳои бонк вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, сиёсати бонк бояд ба масоили зерин равона карда шавад:

1. Устувор нигаҳ доштан ё зиёд намудани даромади соф ба шакли фоиз.
2. Ба даст даровардани даромади ғайрифоизӣ.
3. Назорат аз рӯи хароҷот, ба ғайр аз фоиз.
4. Нигаҳ доштани хусусияти қарз.
5. Таъмини пардохтпазирӣ ва ғайра.

Дар марҳилаи аввал хатари бонкӣ аз фоизҳое, ки дар натиҷаи додани қарз ба даст меоянд, таҳлил карда мешавад, зеро даромади бонк асосан аз гирифтани онҳо дар давраи муқарраршуда вобастагии зиёд дорад. Барои он ки фоизҳо пурра ва дар вақти муқарраршуда ба бонк дохил шаванд, кормандони шӯъбаи қарз аз рӯи қарзҳои додашуда назоратро пурзӯр намуда, фаъолияти муштарии қарздорро доимо таҳлил менамоянд. Дар натиҷаи таҳлили тавозуни (балансн) муштарӣ, корманди шӯъбаи қарз вазъи молиявии муштариро муайян намуда, ҷиҳати ситонидани фоизи қарз чораҳои зарурӣ меандешад.

Дар мамлакатҳое, ки бозори байнибонкӣ хуб амал менамояд ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар қатори бонкҳо фаъолият мекунанд, тағйирёбии фоиз дар бозор ба чашм мерасад. Бинобар ин, бонкҳо доимо сатҳи хатарро таҳлил намуда, барои кам кардани хатари фоиз чораҳои зарурӣ меандешанд. Дар асоси таҷрибаи корӣ бонкҳо дар вақти додани қарз дар шартнома фоизи тагйирёбандаро нишон медиҳанд ва дар ҳолати тағйир ёфтани фоизи бозор бонк зарар намебинад. Дар давраи ҳозира бонкҳои амалкунандаи кишварамон ин тарзи фоизро истифода намекунанд ва фоизи доимии тағйирнаёбандаро истифода мебаранд.

Дар ҷараёни идора кардани активҳо, нигаҳ доштани хусусияти қарзҳои додашуда кори аз ҳама муҳимтар аст. Кормандони шӯъбаи қарз аз болои дар давраи муқарраршуда баргаштани қарзҳо назорати доимӣ мебаранд, зеро дар мӯҳлати муайяншуда барнагаштани қарзҳо боиси бад шудани пардохтпазирии бонк мегардад. Занги аввали ба таъхир афтодани мӯҳлати баргардонидани қарзҳо дар давраи муайяншуда аз тарафи муштарии қарздор дер супоридани тавозун (баланс) ва дигар маълумотҳо аст. Агар ин воқеа рӯй диҳад, корманди шӯъбаи қарздиҳӣ бояд ба маҳалли воқеъи ҷойгирии муштарӣ рафта, ҳолати фаъолияти онро санҷад ва ҳақиқати ҳолро муайян намояд ва ғайра.

Яке аз вазифаҳои асосии роҳбарияти бонк дар ҷараёни идора кардани амалиёти активӣ доштани захираҳои пулиест, ки пардохтпазирии бонкро таъмин менамоянд. Бинобар ин, роҳбарияти бонк нишондодҳои молиявии бонкро доимо таҳлил мекунад. Агар дар ҷараёни таҳлил заиф шудани фаъолияти молиявӣ мушоҳида гардад, барои беҳбудии он чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Яке аз ин чораҳо нашр ва фурӯши коғазҳои қиматнок ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, боз дигар амалеро ба сомон расониидан лозим аст, ки пардохтпазириро таъмин намояд, аз ҷумла зиёд намудани сармояи оинномавӣ, ҷалби амонат ва пасандозҳо ва ғайра.

Дар бонкҳои тиҷоратӣ беҳтар идора кардани амалиёти пассивӣ барои кам кардани хатари бонкӣ ва даромаднокӣ нақши муҳим дорад. Муҳим аст, ки ҳар корманди бонк мавқеи тағйирёбии фоизро аз амалиёти пассивӣ хуб дарк карда, чораҳои зарурӣ андешад ва ба камшавии амонат ва пасандозҳо роҳ надиҳад.

Ҳалли дурусти идора кардани амалиёти пассивӣ ба даромаднокии бонк таъсир мерасонад ва ин ба воситаи чанд усули кор ба даст меояд, яъне дар натиҷаи кам кардани хароҷоти пардохти фоизи захираҳои харидашуда, хароҷоти воситаҳои асосӣ, музди меҳнат ва ғайра.

Бонк бояд барои ҷалб намудани амонат ва пасандозҳои арзон роҳҳои дурустро ҷустуҷӯ намояд. Ҳалли ин масъалаҳо гуногунанд. Роҳбарияти бонк бояд роҳеро интихоб намояд, ки барои бонк муфид аст.

Идора кардани активҳо ва ӯҳдадориҳо талаб менамояд, ки фоизи қарзҳо ва тағйирёбии он, пешгӯи кардани сатҳи фоиз, дуруст ба роҳ мондани ҳисоб ва ҳисобот ва ғайра ба таври бояду шояд омӯхта шуда хуб ба роҳ монда шавад.

Яке аз омилҳои асосии идора кардани активҳо ва ӯҳдадориҳо бо мутахассисони варзида таъмин будани ташкилоти қарзӣ ба шумор меравад.

Барои таъмини фаъолияти устувор бонкҳо бояд захираҳои меҳнатии фаъол дошта бошанд. Ҷиҳати баланд бардоштани малакаи кории кормандон тадбирҳои заруриро андешад, яъне курсҳои такмили ихтисос ташкил намоянд ва агар зарур бошад қисми кормандонашонро барои баланд бурдани малакаи бонкии онҳо ба бонкҳои пешрафтаи хориҷӣ фиристанд.

Тазаккур бояд намуд, ки самаранок идора кардани сохтори бонкҳо яке аз омилҳои кам кардани хароҷоти онҳо ва таъмини пардохтпазирӣ ба шумор меравад. Агар кормандони бонкҳо аз меъёр зиёд бошанд, боиси афзоиши хароҷоти онҳо мегардад. Бинобар ин, бонкҳо ҳамон миқдор корманд дошта бошанд, ки фаъолияти мӯътадили онҳо таъмин карда шаванд.

### 6.3 Таҳлил ва идора кардани амалиёт бо асъори хориҷӣ

Амалиёт бо асъори хориҷӣ бо хатарҳои зерин алоқаманд аст:

1. Хатари ҳисоббаробаркунӣ
2. Хатари асъорӣ

Моҳияти хатари ҳисоббаробаркунӣ дар он аст, ки тарафи фурӯшанда ва харидор байни худ созишнома ва ё шартнома мебандад ва ҳарду тараф ӯҳдадор мешаванд, ки шартҳои созишнома ва ё шартномаро дар вақташ иҷро менамоянд, (масалан, вақти хариду фурӯши асъори хориҷӣ). Ҳолати сурат гирифтани амалиёти байнибонкӣ, бонки «А» ба бонки «Б» маблағи дар шартнома дарҷшударо бо асъори нишондодашуда мепардозад, бонки «Б» ин маблағро бо асъори дигар барқарор менамояд. Агар бонки «А» якумин шуда ин маблағро пардохт кунаду бонки «Б» аз сабаби муфлис шуданаш маблағи пулиро дар вақти муқарраршуда ба бонки «А» баргардонида натавонад, бонки «А» ба ҳолати ногувор мемонад.

**Хатари асьорӣ.** Қурби асьори хориҷӣ зуд-зуд тағйир меёбад. Ҳар бонке, ки аз бозори асьорӣ дохилӣ харидаш аз фурӯши он зиёд мешавад, дар ҳолати паст шудани қурби асьори хориҷӣ дар давраи оянда ин бонк зарар мебинад. Ҳолати кам харидану зиёд фурӯхтани асьори хориҷӣ, агар қурби асьори хориҷӣ нисбат ба қурби пули миллӣ боло равад, ин бонк даромад ва фоида ба даст меорад.

Тазаккур бояд намуд, ки дар ҷаҳон бозори хариду фурӯши асьор байни мамлакатҳо дар шаҳрҳои: Нью-Йорк, Лондон, Токио, Сюрих, ва Сингапур воқеанд. Давомнокии рӯзи корӣ дар ин бозорҳо 24 соат аст. Қисми зиёди амалиёти хариду фурӯши асьор бо доллари амрикоӣ сурат мегирад. Агар иштироккунандаи ин бозор йени ҷопонӣ дошта бошаду ЕВРО харад, вай бояд аввал йени ҷопониро ба доллар иваз намуда, баъдан ЕВРО-ро харад. Дар ин бозорҳо 40 фоизи амалиёти хариду фурӯши асьор мустақиман сурат мегирад, Дар ҳамаи дигар ҳолатҳо доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико истифода мегардад.

# Боби 7. Смёсати пулию қарзӣ ва усулҳои танзими он

## 7.1 Мафҳуми сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ

Яке аз шартҳои асосии самаранок ривоҷ ёфтани хоҷагидорӣ дар мамлакат ин дуруст муайян намудани механизми сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, танзими фаъолияти бонкҳо ва устувории муомилоти пулӣ мебошад.

Сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ - маҷмӯи тадбирҳое мебошанд, ки барои тағйир додани ҳаҷми пул дар муомилот, ҳаҷми қарзҳо, меъёри фоизҳо, нарх ва дигар нишондодҳои муомилоти пулӣ равона карда мешавад.

Дар замони ҳозира назариячиёни сиёсати пули қарзӣ ва асъорӣ дар адабиёти иқтисоди ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: монетаристҳо ва гайримонетаристҳо.

Монетаристон асосан олимони амрикой-Ирвинг Фишер, Альфред Маршал, Артур Сесилем Пигу буда, мувофиқи назарияи онҳо миқдори пули дармуомилотбуда нарх ва фаъол шудани болоравии иқтисодиёти мамлакатро дар муддати кӯтоҳ муайян менамояд. Монетаристон пешниҳод мекунанд, ки ҳукумат бояд ба иқтисодиёт камтар дохолат кунад, зеро алоқамандии дар боло зикршударо таҳти назорат гирифтан ғайриимкон мебошад. Аз рӯи назарияи сиёсати монетаристон бояд дар муомилот ҳамон қадар пул вуҷуд дошта бошад, ки болоравии иқтисодиёт бе таварруми пул ва кам кардани бекорӣ таъмин карда шавад.

Ғайримонетаристон, ки тарафдорони он асосан Ҷон Мейнард Кейнс ва дигар олимони иқтисоддон дар он ақидаанд, ки ҳаҷми пулро дар муомилот кам кардан зарур нест ва бояд барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат пул ва қарзро ба иқтисодиёт ба қадри кофӣ пешниҳод кардан зарур аст.

Дар истифодаи фишангҳои сиёсати пулу қарз низ назари ин ҳарду равия гуногунанд.

Ба ақидаи ғайримонетаристон бояд коғазҳои қиматноки давлатӣ кам фурухта шавад; меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ кам карда шаванд; ба муомилот пул ба қадри лозимӣ пешниҳод карда шавад; меъёри фоизҳои қарз кам карда шавад; инвеститсия (маблағгузорӣ) зиёд карда шавад.

М.Фридмен ва ҷонибдорони он, яъне монотаристон ба он ақидаанд, ки пул дар иқтисодиёт нақши муҳимро иҷро мекунад, бинобар ин, Бонкҳои марказӣ пулро ба муомилот мутаносибан бо афзоиши истеҳсолот пешниҳод кунанд, то ба болоравии таваррум роҳ надиҳанд. Мувофиқи назарияи онҳо бояд коғазҳои қиматноки давлатӣ ба фуруш бароварда шаванд; меъёри захираи ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ баланд карда шаванд; ба муомилот пул камтар пешниҳод гардад; фоизи қарз зиёд карда шавад; маблағгузорӣ кам шавад.

## 7.2.Мақсади асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ

Тартиб додани барномаи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ барои муайян намудани мақсадҳои умумии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба таври доимӣ барномаи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории давлатро тартиб дода, аз рӯи иҷроиши он назорат мебарад ва нишондодҳои онро таҳлил намуда, мақсадҳои ояндаро муайян менамояд. Аз ин рӯ, ин барнома асос ва таҳкурсии тартиб додани сиёсати пулию қарзӣ ва асъории давлат мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба мақсадҳои дар пешистода, дар давраи тартиб додани нақшаи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории мамлакат истифодаи усулҳои танзими ин сиёсатро интихоб ва амалӣ менамояд.

Дар боби 3-и Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» чунин омадааст: "Бонки миллии Тоҷикистон мақоме мебошад, ки сиёсати давлатии пулию кредитӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия мекунад ва онро

амалӣ менамояд. Мақсади сиёсати пулию кредитӣ ва асъории мамлакат таъмини устувории асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қобилияти харидории он нисбат ба асъори серталаби хориҷӣ мебошад".

Ташкил ва тартиб додани сиёсати пулию қарзӣ истифодаи усулҳоест, ки бо ёрии онҳо мақсади дар ин сиёсат пешбинишуда дар амал татбиқ гардад. Сиёсати пулию қарзӣ бо сиёсати андозию буҷетии давлат алоқамандии зич дорад, зеро дар вақтҳои муайяншуда ва пурра ба буҷети давлатӣ дохил шудани андозҳо ва сатҳи хароҷоти он ба сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ таъсир мерасонад. Ба ин сиёсат тавозуни (баланси) воридотӣ ва содиротӣ низ алоқаманд аст.

Сиёсати пулию қарзӣ бо дигар сиёсату тадбирҳои давлат низ алоқаманд мебошад. Ин барнома бояд бо алоқамандии лоиҳаи нақшаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ, лоиҳаи буҷети давлатӣ тартиб дода шавад, зеро дар нақшаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии давлат чораҷӯиҳо монанди лоиҳакашӣ барои давраҳои оянда, яъне лоиҳаи сохтмони шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳои истиқоматӣ ва гайра; лоиҳакашӣ барои корҳои тадқиқотию кофтукови маъданҳои зеризаминӣ; тадбирҳо оид ба истифодаи заминҳои нав ва ғайра пешбинӣ мешаванд. Дар давраи тартиб додани лоиҳаи буҷети давлатӣ хароҷоти давлат ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва дар ҳолати мавҷуд будани касри буҷети давлатӣ, қарзи бонкӣ пешбинӣ мегардад.

Дар сиёсати пулию қарзӣ ва асъории мамлакат масъалаи таъмини талабот бо пули барои муомилот зарурбуда пешбинӣ мешавад, то ин ки баробарии мубодилавӣ дар иқтисодиёти мамлакат риоя гардад. Қайд кардан зарур аст, ки то тартиб додани сиёсати пулию қарзӣ талабот ба пул бояд ҳаматарафа таҳлил карда шавад, зеро дар ҷараёни ин таҳлил муайян мегардад, ки ба кадом андоза ҷамъият пулро дар дасти худ ва дар бонкҳо ба шакли амонат ё пасандоз нигаҳ медоранд ва инчунин дар ҳисоби

муросилотии (корреспондентии) бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ чӣ қадар маблағ бояд нигаҳ дошта шавад. Ин пулҳоро дар баъзе мавридҳо бо бузургии МО ва М1 низ ифода мекунанд, ба ибораи дигар бузургии МО-ро пулҳои эҳтиётӣ (резервные) мегӯянд.

Ҳолатҳои афзудани миқдори пул дар муомилот Бонки миллии Тоҷикистон усулҳои танзими сиёсати пулию қарзӣ ва асъориро истифода намуда, ҳаҷми пули дар муомилотбударо танзим менамояд.

Сиёсати пулию қарзӣ ва асъории мамлакат дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ талаб менамояд, ки дар ҳар давраи ҷудогона усулҳои он тавре истифода шавад, ки ба ин давраи тараққиёти мамлакат рост меояд. Усулҳои сиёсати пулию қарзиро ба ду гурӯҳи асосӣ: усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ ва ё бозорӣ ҷудо кардан мумкин аст.

## 7. 3 Усулҳои маъмурии танзими пулу қарз

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ҷиҳати танзими пули дар муомилотбуда, ҳар мамлакат усулҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъориро ба таври худ истифода менамояд, яъне яке дар аввал усулҳои маъмурӣ ва дар навбати дуюм усулҳои иқтисодӣ ё бозориро истифода мекунад ва баръакс.

Масалан, дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ҷанубӣ ва Чин, дар аввал усулҳои иқтисодӣ ё бозорӣ ва баъдтар усулҳои маъмурии сиёсати пулию қарзиро истифода намудаанд. Аммо дар бисёре аз мамлакатҳо, инчунин тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, баъд аз ба даст даровардани истиқлолият, дар аввал усулҳои маъмурии сиёсати пулию қарзӣ ва асъориро мавриди истифода қарор доданд.

Усулҳои маъмурии сиёсати пулию қарзӣ иборатанд аз: муайян намудани ҳудуди қарздиҳии бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ; танзими ҳудуди фоизи қарз ва дар Бонки марказӣ (миллӣ) нигаҳ доштани

маблағҳои ҳатмии захиравии бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ.

Дар мамлакате, ки ба иқтисоди бозорӣ мегузаранд, танзими сатҳи таввaруми пул (инфиляция), сатҳи нарх ва таъмини мунтазами иқтисодиёти кишвар бештар ба ӯҳдаи системаи бонкӣ вогузор мегардад.

Бинобар ин, Бонки марказии (миллии) мамлакат оид ба танзими миқдори пули дармуомилотбуда тадбирҳои зарурӣ меандешад Яке аз ин тадбирҳо муайян намудани ҳудуди додани қарз аз тарафи бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад ва бонкҳо бояд ҳудуди қарздиҳиро риоя намоянд. Зеро қисми қарзи ба субъектҳои хоҷагидорӣ додашуда ба пули нақд табдил мегардад ва ин яке аз сабабҳои афзоиши пули нақд дар муомилот мебошад. Аз ин рӯ, муайян намудани ҳудуди қарздиҳӣ ба як андоза афзоиши пули нақдро дар муомилот суст мегардонад.

Танзими ҳудуди фоизи қарз барои Бонки марказӣ (миллӣ) то як дараҷа душвортар аст. Ин тадбир тавассути муайян намудани меъёрҳои фоизии қарзи Бонки марказӣ (миллӣ) аз рӯи амалиёти қарзиаш амалӣ гардонида мешавад. Бонки марказӣ (миллӣ) аз рӯи амалиёти қарзиаш як ё якчанд меъёрҳои фоизиро муайян менамояд, ки аз меъёрҳои фоизи қарзи бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ камтар аст. Бо ин роҳ, Бонки марказӣ (миллӣ) сиёсати фоизии давлатро дар амал татбиқ менамояд.

Талаботи ҳатмии маблагҳои захиравии бонкҳои тиҷоратӣ низ барои танзими пули дар муомилотбуда таъсир мерасонад.

Ҳукумати мамлакат бо қонуни худ тавассути Бонки марказӣ (миллӣ) ба бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ захираи маблағҳои ҳатмиро муқаррар менамояд. Андозаи ин захира бо фоиз аз ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои бонк ва дигар ташкилотҳои қарзӣ муайян карда мешавад ва онҳо ин захираро дар Бонки марказӣ (миллӣ) нигаҳ медоранд. Захираи маблағҳои ҳатмӣ қисми

амонатҳои (депозитҳои) шахсони ҳуқуқӣ ва пасандозҳои шахсони воқеист, ки дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ нигаҳ дошта мешаванд.

Захираи маблағҳои ҳатмӣ дар ҳолатҳои зарурӣ дар навбати аввал барои қонеъ гардонидани талаботи амонатгузорон, пасандозгузорон ва дигар ӯҳдадориҳои бонк дар назди муштариён, дар ҳолати муфлисшавии бонк, инчунин барои танзими миқдори пули дармуомилотбуда истифода мегардад.

### 7.4. Усулҳои иқтисодии танзими пулу қарз

Таҷрибаи бисёр мамлакатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки бахусус ҳангоми аз байн рафтани маҳдудиятҳо барои ба мамлакат ворид шудани сармояи хориҷӣ зарурати истифода ва самаранокии усулҳои маъмурии сиёсати пулию қарзӣ бо мурури замон кам мегардад. Аммо усулҳои иқтисодӣ ё бозории ин сиёсат ба мақомоти танзимкунандаи миқдори пулӣ дармуомилотбуда имконият медиҳад, ки усулҳои иқтисодӣ ва ё бозориро барои амалӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ истифода намоянд.

Бо воситаи усулҳои иқтисодӣ ва ё бозории сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонидан мумкин аст. Ин усулҳоро асосан Бонки марказӣ (миллӣ) барои амалӣ намудани баъзе аз нишондодҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ истифода мебарад.

Дар истифодаи усулҳои иқтисодӣ ва ё бозории ин сиёсат, агар бозори коғазҳои қиматнок инкишоф наёфта бошад, душвориҳо низ ба миён меоянд.

Усулҳои иқтисодӣ ва ё бозории сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ аз механизми қарзии Бонки марказӣ (миллӣ); қарзҳои бозтамвил (рефинансирования); музоядаи қарзӣ; механизми ломбардӣ ва ғайра иборат мебошанд:

а) сохтори (механизми) қарзии Бонки марказӣ (миллӣ) барои ба мувозинат овардани талаботи бонкҳои тиҷоратӣ ба захираҳои пулӣ ва таъмини назорати пулию

қарзӣ истифода мегардад. Ин механизм бояд оҳиста-оҳиста нақши Бонки марказӣ (миллиро) ҳамчун таъминкунандаи талаботи бонкҳои тиҷоратӣ бо маблағҳои пулии нақд кам намояд ва фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъориро истифода барад.

б) қарзҳои мақсадноки бозтамвил барои таъмини талаботи иловагии бонкҳо истифода мегарданд. Илова бар ин, қарзҳои мақсадноки бозтамвил барои пушонидани касри буҷети давлатӣ низ истифода мегардад.

в) музоядаи қарзӣ, **яке аз фишангҳои** иқтисодии сиёсати пулию **қарзӣ ва асъорӣ** аст, ки аз як тараф, барои рафъи ниёзмандиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ба маблағҳои иловагӣ ва аз тарафи дигар, ҷиҳати танзими ҳаҷми пули дар муомилотбуда истифода мегардад.Ин музояда аз тарафи Бонки марказӣ (миллӣ) гузаронида мешавад. Одатан фоизи ин қарзҳо аз фоизи қарзҳои бозтамвил зиёдтар аст.

г) механизми ломбардӣ низ барои таъмини талаботи кӯтоҳмуддати бонкҳои тиҷоратӣ ба маблағҳои пулии иловагӣ истифода мегардад. Хусусияти додани қарзи ломбардӣ дар он аст, ки бонки тиҷоратӣ ба ивази қарзи мегирифтаи худ ҳатман гарав мемонад. Ба сифати гарави ин қарз асосан коғазҳои қиматнокро истифода мекунанд. Фоизи ин қарз нисбат ба фоизи қарзҳои дар музояда фурӯхташаванда баландтар аст.

Ба ғайр аз фишангҳои иқтисодии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории дар боло зикршуда, боз як чанд фишангҳои дигар ба монанди: аз нав баҳисобгирии когазҳои қиматнок, дар Бонки марказӣ (миллӣ) ҷойгир кардани амонатҳои (депозитҳои) бонкҳо, нашр ва фурӯши коғазҳои қиматнок аз тарафи Бонки марказӣ (миллӣ), дар бозори озод фаъолият намудани Бонки марказӣ (миллӣ) ва ғайра мавҷуданд. Ҳар кадоми ин фишангҳоро вобаста ба шароити бозор, ҳаҷми пули дар муомилотбуда, сатҳи инкишофи системаи бонкӣ, сатҳи тараққиёти иқтисодиёт, дар ҳар мамлакат ба таври ҷудогона истифода мегардад.

Ба мақсади устувор фаъолият намудани системаи бонкии ҷумҳурӣ, ҳимояи амонатгузорон ва депозиторон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Бонки миллии Тоҷикистон ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ меъёрҳои иқтисодии зеринро муайян мекнад:

-ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои бонкҳо навтаъсисшаванда;

-ҳадди ақали воситаҳои хусусӣ (сармоя) барои бонкҳои амалкунанда;

-пардохтпазирии бонк ва ғайра.

### 7.5 Идора кардани хатарҳои қарзӣ

Бонкҳо сиёсати қарзии худро тартиб дода,фаъолияти қарзии бонк, бозорҳои мақсаднок, ва муштариён, инчунин хатарҳои мувофиқ ё номувофиқро муайян менамоянд. Корманди бонк бояд ҳолати додани қарз ду нақш, яъне нақши фурӯшанда ва арзёбикунандаро бозад. Баъди муайян кардани муштарии қарзгиранда корманди шӯъбаи қарз дар бораи муштари маълумот ҷамъоварӣ намуда, додани қарзро бо сиёсати қарзии бонк мувофиқ буданашро муайян мекунад. Ҳолати додани қарз корманди бонки тиҷоратӣ бо муштарӣ шартномаи қарзӣ ба имзо мерасонад. Дар шартнома маблағи қарз, фоизи он, мӯҳлати баргардонидани қарз ва ӯҳдадориҳои ҳарду тараф нишон дода мешавад.

Қарзҳое, ки бонкҳо ба муштариён медиҳанд ба қарзҳои дар мӯҳлати муқарраршуда паспардохт шаванда ва бозпардохти онҳо ба таъхирафтода ҷудо карда мешаванд.

Қарзҳои дар мӯҳлати муқарраршуда гуфта, қарзҳоеро меноманд, ки онҳо дар ин мӯхлат бозпардохта мешаванд.

Қарзҳои мӯҳлати бозпардохташон ба таъхир афтода қарзҳое мебошанд, ки дар мӯҳлати муқарраршуда бозпардохта нашудаанд.

Дар тачрибаи кории бонкҳо то додани қарз ва баъд аз додани он, корманди бонки тиҷоратӣ ба мавқеи ҷойгиршавии қарзгиранда рафта вазъияти молиявии онро меомӯзад ва дар мӯҳлати муқарраршуда баргаштан ё барнағаштани қарзи додашударо муайян менамояд ва ба роҳбари шӯъба аз ин ҳолат хабар медиҳад.

Дар тачрибаи кории кунунии бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ ин амал ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Зеро маблағи қарзҳои мӯҳлаташон ба таъхирафтода сол аз сол зиёд шуда истодааст ва ин ҳолатро аз ҷадвали зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

(ба ҳаз.сомонӣ)

| Номгӯй | с.2001 | с.2002 | с.2003 | с. 2005 |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи қарзҳои мӯҳлати пардохташон ба таъхирафтода | **10 109** | 26 223 | 23 024 | 47.369 |

Афзоиши ин ки ин гуна қарзҳо аксаран ба малакаи кории кормандони идора ё шӯъбаи қарздиҳӣ вобастагии зиёд дорад. Ин рақамҳо шоҳиди он мебошанд, ки дар баъзе бонкҳо кормандоне бо доду ситади қарз машғуланд, ки тачрибаи кории хуб надоранд ва ё малакаи дониши онҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

### 7.6 Идора кардани пардохтпазирии бонк

Идора кардани пардохтпазирии бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ин ӯҳдадории ҳаррӯзаи роҳбарияти онҳо аст. Вай бояд ҳама вақт барои мавҷудияти захираҳои зарурӣ аҳамият диҳад, то ки ин захираҳо пардохтпазирии ташкилоти бонкӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкиро таъмин карда тавонад. Бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ доимо тағйёбии захираҳои қарзиро интизоранд. Зеро гирифтани маблағҳои амонату пасандозҳо аз

эхтимол дур нест ва имкон дорад айни ҳол ба қарз талабот зиёд шавад.

Кам шудани маблағҳои пасандозу амонатҳо ба бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ зиён меоранд. Зеро давраи зиёд шудани талабот ба қарз, онҳо маҷбур мешаванд аз бозори қарзӣ маблағҳои заруриро ба қарз гирифта талаботи муштариёни қарзгирандаро таъмин намоянд. Ҳолати баланд будани фоизи қарз дар бозори қарзӣ, имкон дорад бонкҳо қарзи гирифтаашонро аз хотири баланд будани фоизи он фурӯхта натавонад ва эҳтимоли муфлисшавии бонкҳо ба миён ояд.

Хатари пардохтпазирии худро бонкҳо аз ҳаҷми маблағҳои аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҷалбшуда ва ба миён омадани зарурати гирифтани қарз аз бозори қарз арзёби намоянд. Ҳолати заиф шудани пардохтпазирӣ бонкҳо дохилшавии захираҳоро пешгӯи карда, тадбирҳои заруриро ҷиҳати таъминнокии пардохтпазирӣ андешад ва нақшаи таъмини пардохтпазириро тартиб диҳад. Инчунин ба худ муайян намояд, ки дар кадом давраҳои сол, бояд захираҳои қарзӣ дошта бошад, ки талаботи муштариёни хешро ба қарз таъмин карда тавонад.

Таҷрибаи кории бонкҳои дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолияткунанда, нишон медиҳад , ки муштариён ҳисобҳои худро аз як бонки тиҷоратӣ ба дигар бонки тиҷорат мегузаронанд. Бояд афзуд, ки тибқи қонуниятҳои мавҷуда ин амал бемамониат сурат мегирад. Инчунин шахсони воқеӣ низ метавонанд амонату пасандози худро аз як бонки тиҷорати гирифта ба дигараш монанд. Ин амал ҳолати пайдо шудани нобоварӣ ба ин бонк содир мегардад. Амонатгузорон маблагҳои пулии худро дар он бонке ба амонат мегузоранд, ки фоизи зиёд медиҳад.

Таҷриба нишон дод, ки якчанд бонки тиҷоратӣ, ки нақшаи корӣ ва пешгӯи тартиб надоданд, паст будани сатҳи малакаи кормандон оид ба дарёфт намудани қарзҳои мушкилситон, сабабҳои барнагаштани қарз ва фоизи он, нодуруст идора кардани амалиёти активӣ ва

пассивӣ, тартиб надодани чорабиниҳо оид ба ҳавасмандкунӣ ҷалб кардани муштариён ва ғайра, пардохтпазириашонро таъмин карда натавонистанд ва муфлис гардиданд: монандӣ, Шӯъбаи бонки Авиатсионии Русия дар Тоҷикистон «Авиобонк», «Тоҷикбонкбизнес» Бонки тиҷоратии «Душанбебонк», «Текистинвестбонк», бонки тиҷоратии «Айём» бонки тиҷоратии «Фарангис» ва чанд бонки тиҷоратии диғар барҳам дода шуданд. Барҳамдиҳии бонкҳои пардохтпазириашон нокифоя давом дорад.

Дар таҷрибаи кории бонкҳо, ташаккул додани фонди пӯшонидани эҳтимолияти зарар аз қарзҳо вуҷуд дорад. ҳолати дарёфт шудани қарзи беэътимод онҳо метавонанд маблағи ин қарзро аз ин фонди захиравӣ барқарор кунанд ва сифати активҳои худро беҳтар намоянд..

Фонди пӯшонидани зарар аз эҳтимолияти бар нагаштани қарзро ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ аз ҳаҷми қарзҳои додашуда ҳатман ташаккул медиҳанд. Фоизи захира кардани маблағ аз эҳтимолияти барнагаштани қарзҳо аз рӯи тасnифи қарзҳо муайян карда мешавад. Тавре, ки дар боло зикр гардид, дар таҷрибаи кории бонкҳо қарзҳои додашуда ба панҷ гурӯх тақсим мешаванд.

Бонкҳои тиҷоратӣ, ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳар давраи ҳисоботи маълумот оид ба ташаккули захираҳои аз эҳтимолияти зарар аз қарзҳои додашуда ба таври муфасал маълумот медиҳанд. Ҳар бонки тиҷоратӣ, бояд ҷиҳати ташаккул додани ин захираҳо ҳавасманд бошад. Барои ба хонанда байдо шудани тасаввурот ҳисоботи яке аз бонкҳои тиҷоратиро ба таври ҷадвал нишон медиҳем.

Ҳисоботи ҳаҷми захираи пӯшонидани талафот аз қарзҳо:

(бо ҳаз.сомонӣ)

| Гурӯҳи хавфи қарзӣ | Маблағи бақияи қарзҳо | Ҳиссаи хавф ба ҳисоби фоиз | Маблағи ҳисобии захира | Маблағи захира дар асл (мувофиқи тавозун |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 35 970 | 2 | 719,4 | 719,4 |
| 2 | 2 080,5 | 5 | 104,1 | 104,1 |
| 3 | 935,9 | 30 | 280,8 | 280,8 |
| 4 | 5,8 | 75 | 4,4 | 4,4 |
| 5 | 5 350,2 | 100 | 4 304,0 | 4 351,9 |
| Ҷамъ: | 111 96,4 | | 5 412,7 | 5 457,6 |

Рақамҳои ҷадвал шаҳодат медиҳанд, ки бонки тиҷоратӣ захираҳоро аз баъзе гурӯҳи қарзҳо ба таври пурра ташаккул надодааст ва ҳолати ба гурӯҳи қарзҳои беэътимод табдил ёфтани онҳо хатари қарзии бонки тиҷоратӣ зиёд мешавад.

# Боби 8.Тартиб додани чорабиниҳо ҷиҳати кам кардани хатар

## 8.1 Усулҳои кам кардани хатари қарзӣ

Идора кардани хатари қарзӣ дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ масъалаи асосӣ мебошад.

Дар фаъолияти бонкҳо, амалиёти қарзӣ яке аз сарчашмҳои асосии даромад ба шумор меравад. Аз рӯи додан ва.ситонидани қарз ба фаъолияти бонкҳо баҳо медиҳанд, зеро онҳо хатари қарзиро ба зимаи худ мегиранд. Дар ҷараёни фаъолияти бонкҳо ҷобаҷогузории қарзҳо ва сифати онҳо аҳамияти зиёд доранд. Аз ин рӯ, самти асосии фаъолияти бонки тиҷорати ё ташкилоти молиявии гайрибонкӣ бояд ба кам кардани хатари қарзӣ равона карда шавад.

Якчанд роҳу усули кам кардани хатари қарзӣ вуҷуд дорад. Яке аз усулҳои асосии он муайян кардани пардохтпазирии муштарии қарзгиранда аст. Корманди шӯъбаи қарздиҳии бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии гайрибонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, бояд ин усулро зиёдтар истифода барад. Зеро ин усул шароит медиҳад, ки дар натиҷаи арзёбӣ намудани пардохтпазирии қарзгиранда, баргардонидани қарз дар вақти муқарраршуда таъмин карда мешавад. Дар таҷрибаи бонкҳои мамлакатҳои мутараққӣ, пардохтпазирии муштарии қарзгиранда бо усули баҳодиҳии ҷудогона ба ҳар муштарӣ сурат мегирад. Дар вақти баҳодиҳӣ, муштариёни қарзгиранда ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Истифодаи ин усул вобаста ба таҷрибаи кории бонкҳо гуногунанд.

Усули дигари кам кардани хатари қарзӣ - кам кардани ҳаҷми қарз ба як қарзгиранда аст. Ин усул дар ҳолате истифода мегардад, ки бонки тиҷоратӣ ба пардохтпазирии муштарии қарзгиранда боварии мутлақ надорад. Кам

кардани ҳаҷми қарз ба як қарзгир ҳолати барнагаштани он ҳаҷми хатари қарзиро кам мекунад.

Усули сеюм, таъмини гаравии қарз аст, зеро ин усул баргаштани маблаги қарз ва фоизи онро таъмин менамояд.Истифодаи ин усул талаб менамояд, ки арзиши гарав аз маблаги қарз зиёд бошад ва ҳолати барнагаштани қарз, маблаги аз фурӯши моли багаравмонда на танҳо маблаги қарз, балки фоизи ҳисобшударо низ пӯшонад.

Усули чорум ин бимакунонии (сугуртакунонии) қарз аст. Ҳолати бима намудани қарз, ҳамаи хатари қарзӣ ба зимаи ташкилоти бимакунанда мегузарад.

Усули панҷуми кам кардани хатари қарзӣ аз қарзгиранда талабнамудани мактуби кафолатӣ аст. Ин гуна мактубро Идораи болоии муштарии қарзгиранда ва ё дигар корхонае медиҳад, ки вазъи молиявиаш бонки қарздиҳандаро қонеъ менамояд. Зеро ҳолати аз ҷониби қарзгиранда барнагардонидани маблаги қарз ва фоизи он, бонки қарздиҳанда, маблағи қарз ва фоизи онро аз ҳисоби корхонаи кафолатдиҳанда меситонад.

## 8.2 Идора кардани хатари фоиз ва усулҳои кам кардани он

Фоизи қарзҳои додашуда яке аз сарчашмаи асосии даромади бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ва фаъолияти ояндаи он мебошад. Аз сатҳи фоиз васеъкунии фаъолият, аз техникаи компютери таъмин будан ва боло бурдани маданияти хизматрасонии бонкӣ вабастагии зиёд дорад. Бинобар ин, бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, тадбирҳои заруририро андешида хатари фоизиро кам мекунад.

Хатари фоиз - ин хатар барои фоида аст, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани сатҳи фоиз ба миён меояд, ки боиси паст шудани даромад аз амалиёти қарзӣ ва маблағгузории бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ мегардад.

Бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ки захираҳои қарзии зиёд дошта, қарзро зиёд медиҳанд, хатари онҳо зиёдтар мешавад.

Тағйир ёфтани сатҳи фоиз якчанд намуди хатарро ба миён меоварад:

1.Хатари зиёд шудани хароҷот оид ба додани фоизҳо аз рӯи амонат ва пасандозҳо ё кам шудани даромад аз маблағгузориҳо нисбат ба нақаша гирифташуда.

2.Тағйир ёфтани фоизи қарз баъд аз додани қарз, ки бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ фоизи пешбинишударо ба даст намеорад.

3.Хатари фоизи қарзе, ки аз рӯи фоизи муқарррааршуда гирифта буд нисбат ба фоизе, ки аз рӯи фоизи тағйирёбанда гирифтааст, ҳолати паст шудани фоиз дар бозори қарзӣ.

Барои бонки тиҷоратӣ ё ташкилити молиявии ғайрибонкӣ, хатари фоиз асосан дар ҳамон ҳолат зиёдтар ба миён меояд, ки мӯхлати қабули амонату депозитҳо ба мӯҳлати додани қарз дуруст намеояд. Масалан, агар амонат ба мӯҳлати шаш моҳ гирифта шуда бошад ва мӯҳлати қарзи додашуда ҳафт моҳро ташкил диҳад. Қисми зиёди бонкҳои тиҷоратию ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ин таносубро риоя намекунанд ва хатари фоиз ба миён меояд. Барои мӯътадил ё кам кардани хатари фоиз, бонкҳо бояд аз тағйироти фоизи амонату депозитҳо ва фоизи қарзҳо маълумоти зарурӣ дошта бошанд.

Дар таҷрибаи бонкӣ умуман усул ва роҳҳои кам кардани хатари фоизро нисбатан муайян кардаанд, ки асоситарини онҳоро таври зайл шарҳ додан мумкин аст:

**а) додани қарз аз рӯи фоизи тағйирёбанда.** Ин усули додани қарз ба бонки тиҷорати ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ шароит медиҳад, ки ҳолати боло рафтани сатҳи фоиз, даромади зиёд ба даст орад;

**б) бимакунонии фоизи қарз.**

Монанди бимакунонии қарз, агар фоиз низ бимакунонида шуда бошад, хатари фоиз ба зимаи ташкилоти бимавӣ мегузарад.

**в)** ҳолати додани қарз ва ба имзо расонидани шартномаи қарзӣ, бо маслиҳати тарафайн, муштарии қарзгиранда ба бонки тиҷоратӣ, ӯҳдадории мӯҳлатнок пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он бонки қарздиҳанда ҳангоми расидани мӯҳлати баргардонидани қарз, бонк маблаги қарз ва фоизи онро аз ҳисоби муштарии қарзгиранда меситонад.

**г)** усули дигари кам кардани хатари фоиз ин ҳолати додани қарз, фоизи он ҳисоб карда шуда пешакӣ аз маблағи қарз гирифта мешавад ва боқимондаи қарз ба суратҳисоби муштарӣ ё бо хоҳиши ӯ ҷиҳати пардохти маблағи молҳои харидаи муштарӣ равона карда мешавад. Масалан, муштарӣ аз бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ба маблағи 200 хазор сомонӣ аз рӯи 20% - солона қарз мегирад. Ҳолати пешаки ҳисоб кардан ва гирифтани фоизи қарз 40,0 ҳаз. (200,0 хаз.сомонӣ х 20% :100) сомониашро гирифта ба ҳисоби муштарӣ 160,0 ҳаз. сомонӣ мегузаронад. Агар қарз ба мӯҳлати 10 моҳ гирифта шавад, он гоҳ фоизи қарз 33,3 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад ва боқимондаи маблағи қарзе, ки ба ҳисоби муштарии қарзгиранда гузаронида мешавад 166,7 (200,0-33,3ҳазсомонӣ) ҳаз..сомониро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки дар давоми истифодаи маблағи қарз, ҳолати болоравии сатҳи таваррум мушоҳида ғардад. Дар ин ҳолат вақти додани қарз, бояд сатҳи таваррум маддӣ назар гирифта шавад. Зеро ҳолати боло рафтани сатҳи таваррум бонки қарздиҳанда зарар мебинад.

## 8.3 Бимакунонӣ ҳамчун воситаи идора кардани хатари қарзӣ

Яке аз фаъолияти асосии бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ин ҷалб кардани маблағҳои муваққатан озодмондаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аст. Маъмулан муфлисшавии бонки тиҷоратӣ боиси аз даст додани амонату депзитҳо мегардад. Бинобар ин, дар ҳамаи мамлакатҳои мутараққӣ низоми бимакунонии амонату депозитҳо вуҷуд дорад. Ҳолати бимакунонӣ, амонату депозитҳо ҳимоя карда мешаванд. Маблағи амонату депозитҳо аз ҳисоби ташкилоти бимавӣ пардохта мешаванд.

Тазаккур бояд намуд, ки бимакунонӣ яке аз узвҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Бимакунонӣ вазифаи муҳими барои ҷамъият зарурбударо иҷро мекунад. Қисми асосии фонди бимавӣ барои ҷуброни зарари аз офати табиӣ дидаи ҷамъият равона карда шуда, ҷиҳати барқарор намудани ҷараёни истеҳсолот мусоидат мекунад. Вазифаи дигари бима ин ғункунии сармоя аст, ки асоси онро ғӯнкунии аҳолӣ ташкил медиҳад.

Қобили тазаккур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи кафолати аманатҳои аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, таҳти № 41 қабул карда шуд, ки дар он гарави баргардонидани амонатҳои шахсони воқеӣ, ҳолати муфлисшавии бонки тиҷоратӣ нишон дода шудааст.

Дар банди 2-и қонуни зикргардида омадааст: «Гарави баргардонидани амонатҳои шахсони воқеӣ дар Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он тартибе сурат мегирад, ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ шудааст.

Дар банди 5 ин қонун гуфта шудааст, ки маблағи гарави баргардонидани амонат ба шахсони воқеӣ, новобаста аз таърихи амонатгузоштааш бо тартиби зерин сурат мегирад:

-маблағи амаонат то 250 сомонӣ - 100%;

-маблағи амонат то 2500 сомонӣ - 90%;

-маблағи амонати зиёда аз 2500 сомонӣ - 70%.

Илова бар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» дарҷ гадидааст, ки «Дигар бонкҳо ба ин мақсад фонди бимавӣ ташкил диҳанд ва ё амонати аҳолиро бо тартиб ва шартҳое, ки дар қонуниятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст бима кунонанд». Тавассути бимакунонӣ ду намуди хатари ба миён омада ҷуброн мегардад: хатари иқтисодӣ (тиҷоратӣ) ва хатари бо таъсири сиёсӣ бавуҷудомада.

Хатари аввала аз фаъолияти субъекти хоҷагидории қарзгирандаи ҷудоғона вобастагӣ дорад. Хатари дуюм бошад, аз ҳолати сиёсӣ дар мамлакат ва самти сиёсати давлатӣ алоқаманд аст.

Маъмулан объекти бимакунонӣ ин қарзҳои аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ доданд, мебошанд. Дар ҳолати бимакунонии қарзҳои додашуда, манфиати бонкҳо ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дар он аст, ки ҳолати барнагардонидани қарз аз ҷониби қарзгиранда, ташкилоти бимавӣ баргардонидани қарзро ба зимаи худ мегирад.

### 8.4 Идора кардани пардохтпазирии бонк

Мафҳуми пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии гайрибонкӣ иборат аз он аст, ки он ба ӯҳдадориҳои молиявии худ дар вақташ ҷавоб дода тавонад. Бонк ё ташкилоти молиявии ғаёрибонкӣ дар ҳаман ҳолат ба ӯҳдадориҳои молиявии худ ҷавоб дода метавонад, ки сармояи кифоя дошта бошад.

Вақто, ки бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти моиявии ғайрибонкӣ ба ӯҳдадориҳои молиявии худ ҷавоб дода наметавонад, ба мақсади кам кардани хатар мувофиқи мақсад аст, ки тадбирҳои зеринро биандешад:

-ба таври доимӣ арзёби намудани пардохтпазирӣ аз натиҷаи ҳамаи амалиёт бо назардошти шароити иқтисодӣ;

-гузаронидани таҳлили таъсири қарзҳои калон ба пардохтпазирии бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, эҳтимолияти таъсири дигар амалиёти содиршуда ва ғайра.

Сиёсати таъмини пардохтпазирии бояд ба беҳтар намудани сифатнокии идоракардани амалиёти активӣ ва пассивӣ равона карда шавад. Дар вақти арзёбии пардохтпазирӣ бояд усулҳои арзёбии сатҳи хатари бонкӣ мавриди истифода қарор бигирад.

Хатари пардохтпазирии бонки тиҷотарӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкиро, мувофиқи мақсад мебуд, агар таҳлилро аз омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд оғоз менамуданд. Ба пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ба ҳам мутобиқат накардани амалиёти активӣ ва пассивӣ таъсири зиёд мерасонанд. Зеро нодуруст ҷобаҷогузории активҳо боиси ба миён омадани хатари пардохтпазирӣ мегардад. Масалан, агар мӯҳлати додани қарз аз мӯҳлати амонат зиёд бошад.

Ҳолати заиф шудани пардохтпазирӣ бояд сарчашмаҳои зиёд кардани сармояи оинномавиро ҷустуҷӯ намояд ва маблағи сармояашро то таъмини пардохтпазирӣ расонад.

Яке аз роҳҳои таъмини пардохтпазирӣ ин риоя кардани меъёрҳои иқтисодии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраркарда мебошад. Зеро риоя кардани ин меъёрҳо асоси пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ва ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ мебошад.

### 8.5 Таъмини бехатарии бонкҳо

Сифати қонуниятҳои бонкӣ бо он муайян карда мешавад, ки онҳо ба кадом андоза бехатарии бонкҳоро таъмин карда метавонанд. Ба омилҳои асосии (доштани муҳофизон, сейфҳо, сигнализатсия ва ғайра) тарафи техникии бехатарии на танҳо бонкҳо мебошад, балки ба ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ низ дахл дорад. Аммо мо дар ин ҷо масъалаҳоеро дида мебароем, ки дар ҷараёни

фаъолият риоя намудани онҳо боиси ҳимояи амонатгузорон мегардад.

Системаи бехатарии бонкӣ инҳоро дар бар мегирад:

- қоидаи таъсис ва барҳам додани бонк;
- муайян намудани меъёрҳои иқтисодӣ;
- тартиб додан ва дар ахбори умум чоп кардани ҳисобот;
- роҳҳои назорат аз рӯи фаъолияти ташкилотҳои бонкӣ;
- системаи огаҳ намудани бонкҳо аз муфлисшавӣ ва устувор намудани онҳо;
- механизми ҳимояи амонатҳо.

Ҳар кадоми инҳоро ҷудогона таври зайл шарҳ додан мумкин аст.

**Қоидаи таъсис ва барҳам додани бонк.** Асоси оғоз ёфтани фаъолияти бонкӣ ин гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти бонкӣ мебошад. Қоида ва ӯҳдадорӣ ба додани иҷозатнома барои фаъолият намудани бонк ва бозхонди он ба зимаи Бонки миллии Тоҷикистон вогузор гардидааст. Бонки навтаъсис бояд дар Китоби давлатии фёҳрасти ташкилоти бонкӣ, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, ба қайд гирифта шуда баъдан фаъолияти худро оғоз мекунад.

Иҷозатнома барои гузаронидани фаъолияти бонкӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон дар феҳрасти махсус ба ҳисоб гирифташуда дар Ахбори Бонки миллии Тоҷикистон ба чоп мерасад. Дар иҷозатнома навъҳои амалиёти бонкӣ барои ҳар ташкилоти бонкӣ ба таври мушаххас нишон дода мешавад.

Қонуниятҳои бонкӣ босуботии системаи бонкиро таъмин намуда ба шахсони ҳуқуқие, ки бе иҷозатнома фаъолияти бонкӣ мегузаронанд, Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба онҳо чораҳои заруриро дар бораи ситонидани чунин ҷаримаҳо меандешад:

а) дар бораи ситонидани ҳамаи маблағи пулие, ки аз рӯи гузаронидани ин амалиёт ба даст овардааст;

б) дар бораи ситонидани ҷарима ба фоидаи бюҷети давлатӣ ба ҳаҷми дукаратаи ин маблағ;

в) дар бораи барҳам додани ин шахси ҳуқуқӣ.

Агар муайян карда шавад, ки шахси воқеӣ амалиёти ғайриқонунии бонкӣ гузаронидааст вай ба тартиби муайн кардаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳақ доранд ба Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозатнома барои иҷрои амалиёти бонкӣ бо ариза муроҷиат кунанд.

Барои бақайдгирии давлатии бонк ва гирифтани иҷозатнома барои иҷрои амалиёти бонкӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

-ариза бо дархост дар бораи бақайдгирии бонк ва ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ва додани иҷозатнома барои иҷрои амалиёти бонкӣ;

-шартномаи таъсисӣ;

-оиннома;

-пайнавишти (протоколи) маҷлиси таъсискунандагон дар бораи қабули оиннома ва оид ба тасдиқи номзадҳо барои таъйин намудан ба вазифаи роҳбарони мақомоти иҷроия ва сармуҳосиб;

-нусхаи шаҳодатномаҳо дар бораи бақайд гирифта шудани шахсони ҳуқуқӣ, хулосаи аудиторӣ дар бораи дурустии ҳисоботи молиявии онҳо, инчунин тасдиқномаи мақомоти андоз барои аз тарафи тасдиққунандагони шахсони ҳуқуқӣ дар назди буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иҷро кардани ӯҳдадориҳояшон дар давоми се соли охир;

-баённома (декларация) оиди даромади муассисон - шахсони воқеӣ, ки аз тарафи мақомоти хадамоти андози давлатӣ имзо гардида, манбаъҳои ба даст омадани воситаҳоеро, ки ба сармояи оинномавии бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ пардохта мешавад, тасдиқ кунад;

-анкетаи номзадҳо ба вазифаи роҳбар ва сармуҳосиби банк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, аз тарафи онҳо

ба тартиби муқарраркарда пур карда шудаанд, инчунин шиносномаи (паспорти) онҳо ва диплом дар бораи маълумот;

-нақшаи кории (бизнес-план) бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкии навтаъсисшаванда, ки дар он стратегияи фаъолият, самт ва миқёси фаъолият, дурнамои молиявӣ (буҷет, тавозуни ҳисоббаробаркунӣ, ҳисоби фоида ва зиён дар се соли аввали молиявӣ, нақшаи созмондиҳии муштариёни бонк (плани маркетинг), нақшаи ҷалби захираҳои меҳнатӣ ва назорати аудити дохилӣ, инъикос ёфтаанд;

-ҳисобот дар бораи гузаронида шудани чорабиниҳои муқаддимотӣ аз тарафи муассисон мувофиқи нақшаи пешниҳодгардида;

-ҳуҷҷати ба таври нотариалӣ ё ба тартиби дигари қонунӣ тасдиқшуда, ки ваколати дархосткунандаро ба додани ариза аз номи муассисон тасдиқ мекунад.

Коркунони роҳбарикунандаи бонк Раиси бонк ва ҷонишинҳо, сардори идораи баҳисобгирӣ (сармуҳосиб) ва ҷонишинҳои вай, роҳбар ва сармуҳосиби шӯъбаи бонк ва ҷонишинҳои онҳо мебошанд.

Шахс дар ҳолати зерин ба вазифаи ишғолкардааш номувофиқ дониста мешавад ё ба вазифаи Раис таъин шуда наметавонад агар:

а) маълумоти олии иқтисодӣ надошта бошад;

б) дорои доги судии адонашуда ё ба тартиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда бошад;

в) дар соҳаи қонунгузории бонкию хоҷагидорӣ дониши кофӣ надошта бошад;

г) дар гузашта коркуни роҳбарикунандаи шахси ҳуқуқии муфлисшуда, ё бонк, ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ бошад, ки барои иҷро накардани талаботи қонунгузорӣ ва дигар амалҳои зиддиқонунӣ иҷозатномааш барои иҷрои амалиёти бонкӣ бозхонда шуда бошад.

Бонки миллии Тоҷикистон, баъд аз гирифтани ҳуҷҷатҳои номбаршуда дар мӯҳлати то шаш моҳ бояд дар бораи бақайдгирии давлатии бонк ва додани иҷозатнома барои иҷрои амалиёти бонкӣ ё радкунии он, қарор қабул кунад.

Қарор дар бораи радкунии бақайдгирии бонк ва на-додани иҷозатнома ба таъсискунадагон ба таври хаттӣ огоҳ карда мешаванд, ки дар он сабабҳо ба таври муфассал нишон дода шуда бошанд.

**Дар** бораи даст кашидан аз бақайдгирии давлатӣ ва додани иҷозатнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таъсискунадагони бонк метавонанд ба идораҳои дахлдор шикоят намоянд.

Дар қонунҳо барои кушодани бонк бо иштироки сармояи хориҷӣ талаботи махсус ҷой дорад. Ҳадди (квотаи) иштироки сармояи хориҷӣ дар системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, муқаррар карда мешавад. Ҳаддӣ мазкур ҳамчун таносуби маҷмӯи сармояе, ки ба ғайрирезидентҳо дар сармояи оинномавии бонкҳое, ки бо сармояи хориҷӣ таъсис шудаанд, тааллуқ дошта ва сармояи шӯъбаҳои бонкҳои хориҷӣ нисбати маҷмӯи сармояи оинномавии бонкҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, муқаррар карда мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ба тартиби дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» муқарраршуда нисбат ба бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ ва шӯъбаҳои бонкҳои хориҷӣ оид ба меъёрҳои ҳатмӣ, тартиби пешниҳод кардани ҳисобот, тасдиқи ҳайати роҳбарӣ ва феҳрасти амалиёти иҷрокаршавандаи бонкӣ, инчунин андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии бонкҳои навтаъсисёбанда бо сармояи хориҷӣ ва андозаи ҳадди ақалли сармояи шӯъбаҳои нав бақайдгирифташавандаи бонкҳои хориҷӣ талаботи иловагӣ муқаррар намояд.

Бехатарии бонк бо он муайян карда мешавад, ки он ба кадом андоза ба риоя кардани меъёрҳои иқтисодӣ таваҷҷӯҳ дорад. Ин меъёрҳо барои босубот ва устувор фаъолият намудан, инчунин кифоя будани сармоя ва пардохтпазирӣ, танзими хатарӣ бонки аз ин ё он амалиёт равона карда мешаванд. Хусусияти хоси ин меъёрҳои иқтисодӣ иборатанд аз:

-вобаста ба шароити иқтисодӣ, онҳо метавонанд тағйир ёбанд (дар ҳолати тагйир ёфтани меъёрҳо, Бонки миллии Тоҷикистон бояд дар давоми пештар аз як моҳ дар амал татбиқ кардани ин меъёр ба иттилои бонкҳо расонад);

-онҳо дар асоси стандарти байналхалқӣ муқаррар карда мешаванд;

-хусусияти хоси миллӣ доранд. феърасти онҳо дар ҳар мамлакат гуногунанд;

-нисбат ба ҳар бонк ба таври ҷудогона муқаррар карда мешавад.

Тибқи қонуниятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва ҷиҳати устувор нигаҳ доштани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад барои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, меъёрҳои иқтисодии зеринро муқаррар намояд:

-андозаи ҳадиақали (минималии) сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсисёбанда, андозаи ҳадиақали воситаҳои худӣ барои бонкҳои амалкунанда;

-андозаи ниҳоии қисми гайрипулии сармояи оинномавӣ;

-андозаи ҳадиаксари (максимиалии) хатар барои як қарзгиранда ё гурӯҳи қарзгирандагони бо ҳам вобаста;

-меъёри пардохтпазирӣ (ликвидности).

-меъёри кифоягии сармоя;

-андозаи хатари асъорӣ, фоизӣ ва хатарҳои дигар;

-меъёри истифодабарии воситаҳои худии бонкҳо барои харидани саҳмияҳои дигар шахсони ҳуқуқӣ;

-андозаи максимиалии (ҳади аксарӣ) қарзҳо, кафолатҳо ва замонатҳое, ки бонк ба саҳомони худ додааст.

**Тартиб додан ва дар ахбори умум чоп кардани ҳисобот.** Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорат ва танзимгари фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ эълон гардидааст. Ин маънои онро дорад, ки:

-ба мақсади танзими фаъолияти бонкҳо ҳуқуқ дорад гурӯҳи корӣ таъсис дода проблемаҳои алоҳидаи фаъолияти бонкҳоро омӯзад;

-ҷиҳати қабули қарорҳои зарурӣ ба ташкилоҳои қарзӣ маслиҳат диҳад;

-оид ба танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ маълумотҳои заруриро ба иттилои онҳо расонад;

-ҷиҳати дарёфт намудани норасоиҳо, ҳимояи амонатгузорон ва риояи меъёрҳои иқтисодии муқарраршуда додани дастурҳо, барои нигаҳ доштани устувории онҳо фаъолияти ташкилотҳои қарзиро таҳлил намуда, дастурҳои лозима диҳад ва ғайра.

**Системаи огаҳ намудани ташкилотҳои қарзӣ аз муфлисшавӣ.** Омили асосии таъмини бехатарии ташкилотҳои қарзӣ огаҳ намудани онҳо аз муфлисшавӣ мебошад. Қонуниятҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикстон муайян кардаанд, ки ба мақсади таъмини сатҳи зарурии молиявӣ, ҳамчун омили асосии бӯҳрони бонкӣ, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бояд:

-таснифи активҳоро анҷом дода, махсус қарзҳои беэътиборро муайян намуда, захираҳои заруриро аз талафоте, ки аз додани қарз ба вуҷуд меоянд ташаккул диҳанд;

-меъёрҳои иқтисодии ҳатмии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршударо риоя намоянд ва иҷро кунанд;

-ҷиҳати дурустӣ ва қонунӣ будани амалиёти гузаронидашуда дар дохили худ шуъбаи назорати дохилӣ таъсис диҳад ва ғайра.

# Боби 9. Қарзҳои мушкилситон (беэътимод) ва ҷораҷуи оид ба ситонидани онҳо

## 9.1. Қарзҳои мушкилситон (беэтимод) ва тасnифи онҳо

Ҳангоми додани қарз бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дар шартномаи қарзӣ ҳама шарту шароити додани қарз, фоизи он ва мӯҳлати баргардонидани қарзро дарҷ менамояд. Муштарӣ-гирандаи қарз онро бо фоизаш бояд дар вақти муқарраршуда баргардонад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми додани қарз, бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ бояд эҳтимолияти барнагаштани ҳамаи қарз ё қисми онро дар назар бигирад. Зеро дар дунё ҳеҷ чиз бе хатар нест. Аз хатар фирор кардан мушкил аст.

Ҳар амале, ки мо дар давоми рӯз, ҳафта, моҳ ва сол содир менамоем аз хатар дур нест. Монанди он, ки агар боронгарӣ зиёд шавад, обхезӣ ва сел ба вуҷуд омада, ҳосили заминро қисман ё томоман нест мекунад, биноҳо вайрон мешаванд, вайрон шудани роҳҳо ва дигар харобиҳо ба миён омаданаш мумкин аст. Хулоса, аз хатар ҷои гурез нест, аммо дар натиҷаи тадбирҳо онро пешгирӣ намудан ва зарари хатарро бартараф ё кам кардан имконпазир аст. Ба ҳар як амал сад дар сад боварӣ кардан номумкин аст. Бинобар ин, бонк ё ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ низ дар вақти ба муштариён додани қарз бояд эҳтимолияти барнагардонидани онро дар назар бигиранд, зеро паснагардонидани қарз аз тарафи гирандаи он бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Сабабҳои объективии барнагардонидани қарз ба фаъолияти корхона кам вобастагӣ доранд, аз ҷумла кам шудани истеҳсолот, нест шудани ҳосили замин дар натиҷаи рӯй додани ҳодисаҳои табиӣ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Сабабҳои субъективӣ бисёртар ба фаъолияти корхона вобастагӣ доранд. Масалан, истеҳсоли моли си-

фаташ паст ва ба фурӯш нарафтани он, саҳлангорӣ ва тороҷ шудани воситаҳои гардони корхона ва ғайра.

Қарзҳоеро, ки бо сабабҳои объективӣ ва ё субъективӣ дар мӯҳлати муқарраршуда барнамегарданд аз ҳисоби қарзӣ ба ҳисоби диғар, яъне ҳисобе, ки дар он қарзҳои мӯҳлати пардохтанашон ба таъхир афтодаанд ба ҳисоб гирифта мешаванд ва бонк фоизи қарзро зиёд мекунад. Бори дигар ёдовар мешавем, ки ҳамаи қарзҳое, ки бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ба муштариён медиҳад аз хатари барнагаштан дур нестанд. Он қарзҳое, ки бо сабабҳои дар боло зикргардида барнамегарданд ба қарзҳои мушкилситон (беэътимод) дохил мешаванд.

Қарзҳое, ки ба муштариён аз ҷониби бонки тиҷоратӣ ва ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дода мешавнд дар адабиёти иқтисодӣ аз руи хатарнокии онҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

Ба гурӯҳи якум қарзҳои "стандартӣ" дохил мешаванд ва онҳо аз қарзҳое иборатанд, ки дар мӯҳлати муайяншуда бармегарданд ва онҳое, ки мӯҳлати баргардониданашон то 30 рӯз ба таъхир афтодаанд ва таъминоти моддӣ доранд.

Гурӯҳи дуюмро қарзҳои "ғайристандартӣ" ташкил медиҳанд. Инҳо қарзҳое ҳастанд, ки мӯҳлати барғардониданашон то 30 рӯз ба таъхир афтодаанд ва таъминоти моддӣ надоранд, инчунин қарзҳое, ки мӯҳлати баргардониданашон то 60 рӯз ба таъхир афтодаанд, аммо таъминоти моддӣ доранд.

Гурӯҳи сеюмро қарзҳои "шубҳанок" ташкил медиҳанд. Инҳо қарзҳое мебошанд, ки мӯҳлати баргардониданашон то 60 рӯз ба таъхир афтодаанд ва таъминоти моддӣ надоранд. Ба ин гурӯҳ инчунин қарзҳое дохил мешаванд, ки мӯҳлати баргардониданашон аз 60 то 180 рӯз ба таъхир афтодааст, аммо таъминоти моддӣ доранд.

Гурӯҳи чаҳорум аз қарзҳои "хатарнок" иборатанд ва инҳо қарзҳоеанд, ки мӯҳлати баргардонидани онҳо то 180

рӯз ба таъхир афтодааст ва таъминоти моддии кофӣ надоранд.

Ба гурӯҳи панҷум қарзҳои "беэътимод" дохил мешаванд ва баргаштани онҳо аз эҳтимол дур аст. Инҳо қарзҳое ҳастанд, ки мӯҳлати баргардониданашон аз 180 рӯз зиёд ба таъхир афтодааст ва умуман таъминоти моддӣ надоранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ новобаста ба он, ки қарзҳо ба кадом гурӯҳ дохил мешаванд, бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, бояд барои аз тавозун (баланс) хориҷ кардани зарарҳои аз додани қарз мегирифтааш захираи пулии эҳтиётӣ ташкил диҳад.

## 9.2 Баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон (беэътимод)

Баъди додани қарз корманди шӯъбаи қарзии бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ аз рӯи ҳаракати онҳо назорати доимӣ мебарад. Ин назорат бо ду роҳ сурат мегирад. Якум, дар асоси омӯхтани ҳисоботи молиявӣ ва дигар асноди муштарӣ ва дуюм, тафтиши таъминоти моддӣ доштан ва ба мақсади муайян истифода бурдани қарз. Агар дар давоми ин назорат муайян гардад, ки қарз дар мӯҳлати муқарраршуда барнамегардад, корманди шӯъбаи қарзии бонк ё ташкилоти молиявии гайрибонкӣ, бояд дар бораи ин қарз маълумоти муфассал тайёр намуда, ба роҳбари шӯъба ва ё роҳбари бонк ҷиҳати чораҷӯӣ пешниҳод намояд.

Кормандони шӯъбаи қарзии бонк бояд доимо феҳрасти қарзҳои додашударо дошта бошанд ва аз рӯи баргаштани онҳо назорат барад.

Бояд тазаккур дод, ки нишонаи аввали ба таъхир афтодани мӯҳлати барнагаштани қарз ин дар вақти муқарраршуда насупоридани ҳисоботи молиявии корхонаи қарздор ба шумор меравад. Дар вақташ насупоридани ҳисобот ё маълумот ин аллакай огоҳиест, ки дар фаъолияти корхона нуқсӣ вуҷуд дорад, бинобар ин, корманди шӯъбаи қарз, онро бояд таҳти назорат бигирад.

Қарзҳои додашударо бонк дар ҳисоби ҷудогона ба ҳисоб мегирад. Дар ҳолати ба таъхир афтодани мӯҳлати баргардонидани қарзи ба пули миллӣ додашударо дар ҳисоби махсуси № 11117 "Қарзҳое, ки мӯҳлати пардохташон ба таъхир афтодааст", агар қарз ба асъори хориҷӣ дода шуда бошад дар ҳисоби № 11119 ба ҳисоб гирифта, аз онҳо фоизи зиёд, яъне фоизи ҷаримавӣ ситонида мешавад.

Дар нақшаи ҳисобҳои наве, ки системаи бонкии ҷумҳурӣ аз охири соли 1998 ба он гузашт, барои баҳисобгирии қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ҳисобҳои ҷудогона нишон дода нашудааст, бинобар ин, ҳар бонк барои ба таври ҷудогона ба ҳисоб гирифтани ин қарзҳо ҳисоби ёрирасон мекушояд.

Қарзҳое, ки бонк ё ташкилоти молиявии гайрибонкӣ ба муштариён медиҳад, бояд таъминоти моддӣ дошта бошанд. Аксаран қарз ба гарави ягон чиз дода мешавад. Муштарии қарзгиранда метавонад ба ивази қарзи гирифтааш маҳсулот, биноҳои истеҳсолӣ ва дигар воситаҳо ва ё олоти истеҳсолотро гарав монад. Қобили тазаккур аст, ки дар баъзе маврид ба ивази гарави моддӣ, бонк гаравномаи дигар корхонаро низ қабул менамояд. Дар ҳолате, ки қарз ба ивази гаравномаи корхона дода шуда бошад ва агар қарз дар мӯҳлати муқарраршуда барнагардад, бонк маблаги қарзро аз ҳисоби корхонаи гаравдиҳанда меситонад.

Агар моли корхона ба гарав монда шавад, арзиши мол бояд баробари маблаги қарз ё аз он зиёд бошад.

Қарзи таъминоти моддӣ надошта ҳамон қарзе ҳисоб мешавад, ки умуман таъминоти моддӣ надорад ё таъминоти моддиаш аз 60 фоизи маблағи қарз камтар.

## 9.3 Тадбирҳо оиди ситонидани қарзҳои мушкилситон (беэътимод)

Қарзҳое, ки дар мӯҳлати муқарраршуда бар намегарданд аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодию молиявии корхона заиф шудааст ва қарзро дар

мӯҳлати муқарраршуда баргардонида наметавонад. Дар ин ҳолат корманди шӯъбаи қарзии бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ тавозун (баланс) ва дигар ҳисоботи корхонаро ҳаматарафа таҳлил намуда, сабабҳои норасоӣ дар фаъолияти корхонаро муайян менамояд. Агар зарур бошад ба корхона рафта фаъолияти онро дар мавқеи ҷойгиршавиаш месанҷад.

Корманди шӯъбаи қарзии бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ бояд бо муштарии қарздор аз наздик кор барад, зеро ин корманд аввалин шахсест, ки зарари аз барнагаштани қарз ба бонк мерасидаро метавонад пешгирӣ кунад.

Маълумоти аввалияи ба вуҷуд омадани қарзҳои мушкилситонро корманди бонк, ки ин қарзро додааст, бояд дарёфт намояд. Ҷараёни дарёфти қарзҳои мушкилситон фаъолияти хеле пурсамарро талаб менамояд. Агар корманди шӯъбаи қарзии бонк малакаи кории кам дошта бошад, маълум намудани ин гуна қарзҳо барои вай мушкил аст. Илова бар ин, барои он ки ҷазо набинад, дар бораи ба вуҷуд омадани қарзҳои мушкилситон мумкин аст ба роҳбари шӯъба хабар надиҳад. Барои дарёфти қарзҳои мушкилситон роҳбари шӯъбаи қарзии бонк ва ё роҳбари бонк бояд ба дигар кормандони ин шӯъба, ки таҷриба ва малакаи кории зиёд доранд, супориш диҳад.

Дар таҷриба баъзан ба мушоҳида мерасад, ки баъзе аз бонкҳо намехоҳанд муносибаташонро бо муштарӣ вайрон кунанд, бинобар ин, барои баргардонидани қарзҳои мушкилситон боз қарз медиҳанд. Бо ҳамин муштариро дастгирӣ менамоянд. Азбаски фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона ба бисёр омилҳо вобастагӣ дорад, ин амали бонк шояд боиси беҳтар шудани фаъолияти корхона гардад. Бо вуҷуди ин дар вақти додани ин гуна қарз бонк бояд фаъолияти корхонаро ҳаматарафа биомӯзад.

Барои баргардонидани қарзҳои мушкилситон бонк, бояд чораҳои заруририро биандешад. Ин чораҷӯиҳо дар ҳар шароит гуногунанд ва асоситаринашон инҳоянд:

- дигар кардани таркиби қарз, яъне агар илоҷаш бошад мӯҳлати баргардонидани қарзро тамдид (дароз) намудан;
- талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ ва гарави иловагӣ;
- ҳангоми мавҷудияти гарав онро фурӯхта қарзро баргардонидан;
- бо роҳбарияти корхона кор бурдан;
- дар ҳолати зарурӣ иваз кардани роҳбарияти корхона;
- интишор ва фурӯши саҳмияҳои нав ва ғайра.

Агар дар натиҷаи ин чораҷӯиҳо фаъолияти корхона беҳтар нагардад ва эҳтимоли баргаштани қарз номуайян монад, пас бонк корхонаро муфлис эълон намуда, барои ситонидани қарз ҳуҷҷатҳои заруриро тартиб дода, ба суди иқтисодӣ муроҷиат менамояд.

**9.4 Ташкили захираҳои пулӣ барои аз ҳисоб хориҷ намудани қарзҳои беэътимод**

Тавре ки дар боло зикр кардем эҳтимолияти хатари барнагаштани қарзҳои додашуда доимо вуҷуд доранд. Бинобар ин, бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, новобаста аз он ки қарзҳои додааш бармегарданд ё не, бояд барои пӯшонидани зарари эҳтимолӣ аз додани қарз захираи пулӣ ташкил диҳад.

Бонк бояд ҳар рӯз аз ҳаҷми қарзҳои додааш камаш 2% захираи пулӣ ташкил дода, дар ҳисоби алоҳидаи №10999 "Захира барои талафоти имконпазир аз қарз" ба ҳисоб гирад. Агар қарз гурӯҳи дуюм, яъне "ғайристандартӣ" бошад бояд 5% аз ҳаҷми ин қарз захира намояд.

Дар ҳолати мавҷуд будани қарзҳои «шубҳанок» баробари 30% ҳаҷми ин қарзҳо захираи пулӣ ташкил диҳад.

Агар қарзҳои хатарнок мавҷуд бошанду мӯҳлати баргардонидани онҳо аз 60 то 180 рӯз ба таъхир афтода бошад, бонк бояд баробари 75%-и маблағи онҳо захираи пулӣ ташкил намояд.

Ҳангоми муайян намудани қарзҳои "беэътимод", ки мӯҳлати пардохташон аз 180 рӯз ва зиёдтар ба таъхир афтодааст ва таъмини моддӣ надошта бошанд, бонк бояд баробари 100%-и маблаги онҳо пул захира намояд.

Дар ҳар ҳолат бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, ҷиҳати баргардонидани қарзҳо бояд чораҳои зарурӣ биандешад. Агар чораҷӯиҳо ягон натиҷа надиҳанд, дар ин ҳолат қарзҳои «беэътимод»-ро аз маблағҳои "Захира барои талафоти имконпазир аз қарз" хориҷ мекунад. Кормандони ширкати аудиторӣ дар вақти гузаронидани аудит ин амали бонкро бояд ҳатман тафтиш намоянд.

## 9.5 Тартиби аз ҳисоб хориҷ кардани қарзҳои беэътимод

То аз тавозун хориҷ кардани қарзҳои мушкилситон корманди бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ бо роҳбари корхона сӯҳбат намуда, ҷиҳати баргардонидани қарзи гирифтааш кор мебарад ва бо ҳам роҳҳои ҳалли мусбати масъаларо меҷӯянд. Агар мӯҳлати баргардонидани қарзро бештар аз ду маротиба дароз карда бошанду қарз барнагашта бошад, онро аз тавозуни бонк хориҷ менамоянд. Барои хориҷ намудани ин гуна қарзҳо бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ,чунин амалиёт мегузаронад.

а) барои хориҷ намудани маблағи қарз:

Д-т ҳисоби "Захира барои талафоти имконпазир аз қарз"

К-т ҳисоби "Қарзҳое, ки мӯҳлати баргардониданашон ба таъхир афтодааст»

б) барои хориҷ намудани фоизи қарзи ҳисобкардашуда, аммо ситониданашуда;

Д-т ҳисоби "Даромади давраҳои оянда"

К-т ҳисоби "Қарзҳое, ки мӯҳлати пардохташон ба таъхир афтодааст".

Ҳолати мавҷудияти ин гуна қарзҳо, аудиторҳо ба бонк пешниҳод намоянд, ки онҳоро аз тавозуни худ хориҷ кунад ва аз болои иҷрои ин амали бонк назорат барад.

# МУНДАРИЧА

Муқаддима.........................................................3-4

**Боби 1. Мафҳуми фаъолияти бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ**

1.1 Фаъолияти бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ................................................ 5-11

1.2 Вазифа ва мақсади бонки тиҷоратӣ ва ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ.........................12-15

1.3 Дарёфт намудани имкониятҳои мавҷудаи бонки тиҷоратӣ ..................................................15-19

1.4 Интихоби вазифаҳо. Омӯхтани талабот...........19-21

**Боби 2. Банақшагирии фаъолияти бонкӣ**

2.1 Ақидаҳо оиди банақшагирии фаъолияти бонк...................................................22-23

2.2 Таҳлили хизмати бонкӣ....................................24-27

2.3 Таҳлили таъсири омилҳо ба стратеғияи бонкӣ.............................................................................28-29

2.4 Давраҳои банақшагирӣ......................................30-33

**Боби 3.Мафҳуми устувори ва босуботии бонки тиҷоратӣ**

3.1 Мафҳуми босуботии бонки тиҷоратӣ..............34-35

3.2 Омилҳои муайянкунандаи устувории бонкҳо..35-36

3.3 Кифоягии сармояи бонк....................................37-38

3.4 Сифати активҳо ва пассивҳо.............................38-39

**Боби 4. Хатарҳо дар фаъолияти бонкӣ**

4.1Намудҳои хатари бонк ва моҳияти онҳо...........40-43

4.2 Ташкили идора намудани хатарҳо....................43-45

4.3 Тартиб додани стратегияи хатар.......................45-47

4.4 Муайян намудани сатҳи мӯътадили хатар........47-48

**Боби 5. Таҳлили хатари қарзӣ**

5.1 Омӯхтани амалиёти ҷудогонаи бонк................49-51

5.2 Усулҳои муайян намудани қобилияти қарзадокунии муштарии қарзгирандаи бузург...........................................................................51-54

5.3 Арзёби намудани қобилияти қарздокунии корхона хурд....................................54-55
5.4 Арзёби намудани қобилияти қарздокунии шахсони воқей..................................................55-57
**Боби 6. Таҳлили хатар дар бозори молиявӣ**
6.1 Проблемаҳои маблағгузории фаъолияти бонкӣ..........................................................................58-59
6.2 Идора кардани хатари активҳо ва ва ӯҳдадориҳои банк..................................................59-62
6.3 Таҳлил ва идора кардани амалиёт бо асъори хориҷӣ.........................................................62-63
**Боби 7. Идора кардани хатари бонкӣ**
7.1 Мафҳуми сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ........64-65
7.2 Мақсади асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ.....................................................................65-67
7.3 Усулҳои маъмурии танзими пулу қарз.............67-69
7.4 Усулҳои иқтисодии танзими пулу қарз............69-71
7.5 Идора кардани хатари қарзӣ............................71-72
7.6 Идора кардани пардохтпазирии бонк.............72-75
**Боби 8.Тартиб додани чорабиниҳо ҷиҳати кам кардани хатар**
8.1 Усулҳои кам кардани хатари қарзӣ..................76-77
8.2 Идора кардани хатари фоиз ва усулҳои кам кардани он.........................................................77-79
8.3 Бимакунонӣ - ҳамчун воситаи идора кардани хатари қарзӣ.....................................................80-81
8.4 Идора кардани пардохтпазирии бонк.............81-82
8.5 Тахмини бехатарии бонкҳо...............................82-88
**Боби 9. Қарзҳои мушкилситон (беэътимод) ва чораҷӯи оид ба итонидани онҳо**
9.1 Қарзҳои мушкилситон (беэътимод) ва таснифи онҳо.......................................................89-91
9.2 Баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон (беэътимод)........................................................91-92
9.3 Тадбирҳо оиди ситонидани қарзҳои мушкилситон (беэътимод).................................92-93

9.4 Ташкили захираҳои пулӣ барои аз ҳисоб хориҷ кардани қарзҳои беэътимод.........................................94-95
9.5 Тартиби аз ҳисоб хориҷ кардани қарзҳои беэътимод.........................................................95-96

Ба матбаа 5.11.2007 сол супорида шуд.
Ба чопаш 14.11.2007 сол имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсет.
Ҷузъи нашрию ҳисоби 6,25. Адади нашр 460.
Супориши № 220.

ҶСШК «Матбуот»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 37.